# *Мундарича*


Пешгуфтор ........ 1

Дастурот барои истифодаи ин мутолиа ........ 4

Роҳнамо ҷавобгар барои мутолиаи Китоби Муқаддас ........ 7

1. Муқаддима ........ 9
2. Худо муҳаббат аст ........ 18
3. Худо соҳибихтиёр аст ........ 28
4. Худо тавоно аст ........ 37
5. Худо некӯст ........ 49
6. Худо ҳамадон аст ........ 58
7. Худо пурҳикмат аст ........ 69
8. Худо ломакон аст ........ 79
9. Худо ивазнашаванда аст ........ 87
10. Худо боваfo аст ........ 98
11. Худо қуддус аст ........ 107
12. Худо одил аст ........ 117
13. Худоро ҳамд гӯед ........ 126

1

# Муқаддима

*«То ҳол ман овози Туро шунида будам,*
*ва акнун чашмонам Туро дидааст»*

Айюб 42:5

Тифли хурде аз модараш пурсид: “Худо монанди чист?”, ва модар ҷавоб дод: “Хуб, Худо… э-э…”.

Дар маркази зиндагии бо фаровонӣ, ки Исо Масеҳ дар Юҳанно 10:10 онро ваъда додааст, доштани тасаввуроти равшан дар бораи шахсияти Худо мебошад. Валекин ҳангоме ки шумо дар бораи табиати Худо фикр мекунед, чист ки ба ёдатон меояд? Бисёр вақт як омезишеро дар хаёлатон барпо медоред, ки иборат аз тамоми суратҳои динист, ки ба чашми худ дидаед, дар илова ба шахси олитарине, ки ҳамроҳаш вохӯрда будед якҷо бо қаҳрамони фавқулоддаи давраш партавкашида шуда, ки рост аз суратҳои матндори зӯроварон поён шуда бошад. Мо ҳавас дорем, ки Худоро ба нуқтаҳои назари фавқулинсонӣ, ё ҳатто инсонӣ поён фуроварда расонем. Ин ҳаргиз тааҷҷубовар нест, зеро ки мо бо он чи рӯҳи инсонӣ матавонад қабул кунад, маҳдудем, ва Худо дақиқан як чизе ё як касе нест. Худо ягона, берун аз ҳар навъ дониш аст. Ташреҳи пуррае барои Худо вуҷуд надорад, зеро ки Ӯ дар пуррагии Худ даркнашуданист.

Оё шумо сарфаҳм меравед ба ин ки мо Худоро фаҳмида наметавонистем, ба ҷуз дар сурате, ки Ӯ Худаш ба мо Худро шиносонад? Худо баъзе аз сифоту хислатҳои шахсии Худро ошкор кардааст. Хеле вақт бар ин сифот ҳамчун бар “*хислатҳои Худо*” ишорат дода шудааст. Хислат чунон чизест, ки воқеан ба Худо дахл дорад. Бар саволи зерини мо “Ту чӣ хел ҳастӣ?” Худо феълу табиати Худро (хислатҳои Худ) ба воситаи офариниш, Навиштаҳои Муқаддас ва Писараш Исо Масеҳ ошкор месозад.

Худо мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем, зеро Ӯ моро барои он офаридааст, ки бо Худаш муносибатҳои шахсӣ ва зич дошта бошем. Иштирокчиёни муносибатҳоро лозим аст, ки дар бораи ҳамдигар баъзе маълумот дошта бошанд. Ба дараҷаи зичтар шудани ин маълумоти дуҷониба муносибатҳо мушаххас мегарданд. Худо то майдатарин ҷузъҳо зиндагии шуморо медонад. Ӯ ҳатто аз чизҳое, ки шумо онҳоро намедонед, огоҳ аст (Таронаи 138-и Забурро мутолиа намоед). Аммо худи шумо дар бораи Ӯ чӣ медонед? Худо мехоҳад, ки шумо доим Ӯро бештар шиносед. Ӯ чунин интихоб кард, ки Худашро ба мо шиносонад, то ин ки Ӯро шинохта тавонем, ва ба ҳамин сурат

аз муносибатҳои ҷовидоние, ки зиндагиямонро тағйир медиҳанд, баҳраманд шавем.

Бо мақсади расидан ба шинохти Ӯ ва бо Ӯ дар муносибатҳои доим зиндатар зиндагӣ кардан табиати Худоро ёд гирифта, мо бояд баъзе чизҳоро ба хотир дошта бошем. Баҳс кардан дар бораи хислатҳои Худо бо он хавфнок аст, ки мо ба хатари шахсияти беохири Худоро мисли як рӯйхати оддии сифатҳо ҳисоб гирифтан мемонем!

Вақте ки мо муносибати бисёр наздик, масалан, бо шавҳари худ дорем, мо одатан феъли ӯро бо қисматҳо мушоҳида намекунем… Аз як тараф муҳаббаташ, аз тарафи дигар тоқаташ, ин ҷо меҳрубониаш… Мо ӯро дар пуррагияш, ҳамчун як шахс ва на мисли андак меҳрубонии омехта бо андак тоқат мебинем. Мо муносибатҳоеро бо худи шахсият аз сар мегузаронем, вале на бо рӯйхати сифатҳое, ки ин шахсиятро акс медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, баъзан аз мо савол мекунанд "Шавҳари ту чӣ тавр аст?" Дар ин сурат мо ба фаҳмондани феълаш бо порчаҳо мепардозем: "Ӯ ботоқат, меҳрубон, ором, бовафо… аст". Шавҳари мо ин қадар беш аз ин рӯйхати сифатҳост, вале инҳо барои шинохтани ӯ ба мо нишона медиҳанд.

Ба ҳамин сурат, вақте ки ҳар дарс бар як ҳақиқати таъиншуда дар бораи Худо истодагарӣ мекунад, ба ёд дошта бошед, ки Ӯ ба пораҳо тақсим шудан наметавонад. Худо якто, ягона ва оличаноб аст. Мо ба муносибатҳои зич ва дарбаргиранда бо Шоҳи шоҳон даъват шудаем.

## I. Оё мо ба шинохтани Худо зарурат дорем?

Навиштаҳои Муқаддас таъсири аҷиби дониши Худоро, ки бар зиндагии мо ҳамчун зан дошта метавонад, нишон медиҳад. Дар оёти зерин чанде аз сифатҳоеро пайдо кунед, ки дар зиндагии шумо ҳамчун зан, ба дараҷае ки Худоро бештар шиносед, бештар намоён хоҳанд гашт:

1. а. Мувофиқи Дониёл 11:32, барои касе ки Худоро мешиносад, чӣ рӯй хоҳад дод? (Ҳангоми хондан бо ҷойгир кардани номи худ дар оят онро ба худ нисбат диҳед.)

__________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

б. Дониёл 3:8-30 ҳақиқатеро барои кашфи шумо тасвир менамояд. Дар амал ба кор бурдани дониши Худо чиро барои ин се мард дастрас кард?

__________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

в. Дар кадом соҳаи зиндагии худ шумо эҳтиёҷ доред, ки мустахкам монед? Мувофиқи Дониёл 11:32 ин эҳтиёҷи шумо чӣ тавр қонеъ шудан метавонад?

__________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

2. а. Чунон ки Айюб 22:21, Ишаъё 26:3 ва Эфсӯсиён 2:14 онро нишон медиҳад, инъикоси дигареро бо дарёфти дониши Худо дар зиндагии худ шарҳ диҳед.

__________________________________________________

__________________________________________________

__________________________________________________

б. Дар кадом шароит шуморо осоиш намерасад? Мувофиқи оёти зикршуда оё имкон дорад, ки шумо осоиш ёбед? Чӣ тавр ин мумкин аст?

---

---

---

3. а. Масалҳо 9:10 баён мекунад, ки мо сабаби дигаре низ барои шинохтани Худо дорем. Ин оят чиро фош мекунад?

---

---

---

б. Чӣ хел шумо эҳтиёҷеро ки ба ин сифат дар зиндагии худ доред, ҳис менамоед?

---

---

---

4. а. Зане ки Худоро мешиносад (Юҳанно. 8:32), метавонад ____________ шавад.

б. Павлуси ҳаввор̄ӣ бо баёноти зерин таъсирро дар зиндагияш барои намуна тасвир кард: Румиён 7:19, 24-25

---

---

---

в. Дар кадом соҳаҳои зиндагии худ шумо мехоҳед, ки шаҳодоти дониши Худо худро намоиш диҳанд?

---

---

---

## II. Дидгоҳи Худоӣ

5. Барои чӣ Худо чунин интихоб кард, ки Худро барои шумо кушояд? (Ба матни муқаддима муроҷиат намоед.)

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

6. Аксари вақт мардум Худоро чӣ тавр ба худ тасвир мекунанд? (Забур 49:21)

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

7. Ба фикратон чаро мардум дар бораи Худо ақидае ба монанди ақидаи ҳамин мард доранд?

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

8. Дар якчанд тарҳ ақидаи худро, ки нисбати Худо доред, ҳоло собит намоед. (Рост бигӯед, зеро дертар ин ба шумо хизмат хоҳад кард.)

_______________________________________________

_______________________________________________

_______________________________________________

## III. Дидгоҳи неки Худоӣ

9. Дар куҷо ҷавобҳои дурустеро дар бораи табиати Худо ёфтан мумкин аст?

а. Забур 18:2: ________________________________

б. Юҳанно 5:39: ______________________________

в. Юҳанно 14:9; 2Қӯринтиён 4:6; Қӯлассиён 1:15: _________

_______________________________________________

## IV. Сифатҳои Худо

10. Сифати Худо яъне чист? (Ба матни муқаддима муроҷиат намоед.)

11. Барои чӣ Худо як рӯйхати ботартиби сифатҳо нест?

12. Дар ҳар яке аз порчаҳои овардашуда чӣ чизҳоро дар бораи Худо кашф менамоед?

а. Такрори шариат 7:9; Навҳаҳои Ирмиё 3:22-23:

б. 1Вақоеъномa 29:11-12:

в. Забур 61:13:

г. Забур 89:2; Такрори шариат 33:27:

д. Забур 135:1:

е. Забур 138:2-4; Юҳанно 21:17:

ж. Забур 138:7:

з. Дониёл 14:34; 2Вақоеънома 20:6:

______________________________________________________________

и. Малокӣ 4:34; Ибриён 13:8 :

______________________________________________________________

к. Юҳанно 3:16; 1Юҳанно 4:16:

______________________________________________________________

13. Ҷавобҳои саволи 3-ро аз нав дида бароед. Ба фикратон, оё шумо ба чунин як Худое умед баста метавонистед? Барои чӣ?

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

## V. Амалӣ сохтани чизҳое, ки шумо ёд гирифтаед

14. а. Дар бораи масъалаи муҳиме, ки шумо ба он дучоред, фикр кунед. Онро ном баред.

______________________________________________________________

б. Акнун дубора дар саволи 12 ҳақиқатҳоеро, ки шумо дар бораи Худо дарёфт намудаед, ҷустуҷӯ кунед.

Худо____________________________________________________

Худо____________________________________________________

в. Шароит ё мушкилии худро ба воситаи хислатҳои Худо аз назар гузаронед. Чӣ хел шумо ин ҳақиқатҳоро дар бораи табиати Худо ба ҳолати худ вобаста карда метавонистед?

______________________________________________________________
______________________________________________________________

г. Равияи рӯҳии шумо нисбати шароиту ҳолатон дигаргун шуд? Ба чӣ тавр?

---

---

д. Дар дидани шодиҳо, ғамҳо ва зудранҷиҳои ҳаррӯза ба воситаи феъли Худо машқ намоед. Масалан, дӯстон ногаҳон ба хӯроки пешин ҳозир мешаванд, шумо тайёр нестед ва рӯзи шумо пуркор аст.

*Аввалин имкон:* Шумо воҳима мекунед.

*Дуввумин имкон:* Шумо шароитҳоро ба воситаи феъли Худо мушоҳида мекунед:

1) Худо бар омадани ин дӯстон назорат мекунад, ва бигузошт, ки инҳо биёянд.
2) Худо некӯст, пас Ӯ пешбинӣ намудааст, ки аз ин ҳодиса чизи хубе рӯй хоҳад дод.
3) Худо тавони ҳамаро дорад, пас Ӯ метавонад қудрати кардани ҳар кори лозимро ба шумо супорад.

… Ва ба воситае ки шумо Худоро мешиносед, дар дигар ҳодисот ба ҳамин тавр амал кунед.

# 2

# *Худо муҳаббат аст*

*«Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин*
*исбот мекунад,*
*ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем,*
*Масеҳ барои мо мурд»*

Румиён 5:8

Бар шумо чӣ таъсире хоҳад гузошт, агар дӯстдоштаи касе мебудед, ки муҳаббаташ аз таъсири корҳое, ки шумо барояш кардаед ё ҳоло мекунед ё баъд хоҳед кард, намебуд, ва муҳаббаташ ҳаргиз на кам мешуд ва на тағйир меёфт? Шумо инро фаҳмида метавонистед! Чунки муҳаббати Худо ба шумо дар асари ҳеҷ яке аз корҳое, ки шумо карда метавонистед, ба вуҷуд наомадааст (Так. ш. 7:6-8; 2Тим. 1:9). Муҳаббати Ӯ бешарт аст. Худо чунин интихоб кард, ки шуморо дӯст дошта бошад, ва баъд аз ин лаҳза муҳаббату хушбахтии Ӯ бар шумо баробар шудааст, то яке шавед (Заб. 103:31). Шумо мояи ишқи Ӯ, "гавҳараки чашми Ӯ" (Заб. 16:8) шудаед. Муҳаббат дар холигӣ вуҷуд надорад. Он бояд маълум шавад. Инчунин Худо хост, ки ба воситаи муносибати шахсӣ, ки аз файзи марг ва эҳёи Исо Масеҳ имконпазир шуд, Худашро маълум кунад.

Муҳаббати Худо барои шумо ҳаргиз тағйир нахоҳад ёфт. Ӯ шуморо имрӯз низ чунон дӯст медорад, ки дар вақте ки Писарашро барои шумо дода буд (Ғал. 2:20; Тит. 2:13-14), ва Ӯ бо муҳаббат нисбат ба шумо "доданаш"-ро давом медиҳад (Рум. 8:32). Муҳаббати Худо ҳаргиз суст намешавад ва тағйир намеёбад, зеро "дар Ӯ, тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест" (Яъқ. 1:17). Муҳаббати Ӯ шахсан барои шумо абадист; инчунин Ӯ шуморо бо муҳаббати азалӣ, пеш аз ин ки шумо нақш баста будед, дӯст дошт" (Ирм. 31:3).

Гарчанде ки муҳаббати Худо дорои ҳиссиёти чуқур аст, он ҳамеша муқаддас ва пок буда, ҳаргиз бар эҳсосот асос намеёбад. Вақте ки мо ниёз дорем, ки ба роҳи дуруст гузошта шавем, он аз ҷазо додани мо тарсе надорад (Ибр. 12:6).

Ҳангоме ки шумо охир дар пешрафти худ бо "шинохтан ва бовар кардан ба муҳаббате ки Худо нисбат ба шумо дорад", тамом мекунед, шумо бо таври озод дар Масеҳ умр ба сар мебаред.

Масалан, бо имон ҷавоб додан ба муҳаббате ки Худо онро рӯи салиб нишон додааст, ва Писари Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда қабул кардан аз гуноҳ, ки ба банди Худ шуморо даровардааст, озодатон мекунад (Ваҳ. 1:5). Вақте ки шумо бахшоиши Писарашро қабул кардед, шумо на фақат аз гуноҳҳои гузашта, ҳозира ваояндаи худ озод шудаед, балки низ аз қудрати гуноҳ дар зиндагии имрӯзаи худ.

Васвасаи зуд аз худ баромадан, бетоқат шудан, ба хашм омадан, ва нармдилӣ нисбати худамон дигар бар мо қудрат нахоҳад дошт (Рум. 6).

Натиҷаи дигари озодибахши муҳаббат дар зингагии шумо ба тарс алоқа дорад. Оё шумо аллакай аз Худо, ё он чи Ӯ метавонад дар зиндагии шумо ба амал оварад, тарсон шуда будед? Навиштаҳо бо салиби Исо Масеҳ, исботи оличаноби муҳаббати Худо ба шумо, ба ташвишҳои шумо ҷавоб медиҳанд. “Он Худое ки Писари Худро дареғ надоштааст, балки Ӯро барои ҳамаи мо таслим кардааст, чӣ гуна бо якҷояигии Ӯ ҳама чизро ба мо намебахшад?” (Рум. 8:32). Тарс замоне дубора пайдо мешавад, ки мо ҳис мекунем, ки метавонем азоб кашида захмбардор шавем. Барои як лаҳза касеро, ки шуморо дӯст медорад, ба хаёлатон биёред. Тасаввур кунед, ки ин шахс тамоман метавонад чӣ будани хубро барои шумо донад, ва тамоман қодир аст, ки чизи беҳтаринро бигузорад, то бо шумо рӯй диҳад. Оё шумо аз ӯ тарсон мешавед? Оё шумо аз он чи ин шахс барои шумо пешбинӣ мекунад, хоҳед тарсид? Табиати муҳаббати Худо Ӯро водор месозад, ки доимо барои шумо фақат беҳтаринро хоҳад. Ҳақиқати ин ки Ӯ ҳамаро назорат мекунад, барояш имкон медиҳад, ки ин хоҳишашро ба ҷо оварад. Пас чизи тааҷҷубоваре нест дар он ки шумо ба тасдиқи зерин бовар кунед: “Муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад” (1Юҳ. 4:18).

Фаҳмед, Худое ки шуморо дӯст медорад аз ҳурмататон метавонад эҳтиёҷоти табиии шуморо бароварда созад. Дар бораи он чи шумо дар робита бо арзиши худ ҳис мекардед, вақте кашф мекардед, шумо маҳбуб ва азиз ҳастед, тавре ки гӯё дӯсти беҳтарини подшоҳ ё раиси давлат буда бошед, фикр кунед.

Аммо, ҳанӯз беҳтар, шумо маҳбуби Подшоҳи подшоҳон, Худованд, ва Офаридгори тамоми чизҳо ҳастед, Касе шуморо дӯст медорад, ки Навиштаҳо дар бораи мегӯянд:

“*Худовандо! Кибриё ва зӯрмандӣ ва шукӯҳ ва нусрат ва шавкат аз они Туст, зеро ҳар он чи дар осмон ва замин аст, аз они Туст.*
*Худовандо! Салтанат аз они Туст,*
*ва Ту бар сари ҳама мутаол ҳастӣ*”
(1Вақ. 29:11)

Ӯ шуморо дӯст медорад! Шумо ҳамчун шахсият арзиши бузург доред, зеро ки акнун Худо шуморо дӯст медорад. Дар ҳақиқат, Ӯ шуморо тавре дӯст медорад, ки Писари азизи Худро додааст, то ки бо шумо муносибатҳои шахсӣ барқарор кунад. Чаро шумо аз ин ки мардум дар бораи шумо чӣ фикр хоҳанд кард, ғам мехӯред, охир Худо бо шумост. Ӯ шуморо дӯст медорад ва "Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо кист?" (Рум. 8:31).

Муҳаббати Худо метавонад зиндагии шуморо комилан ба таври ношуниданӣ тағйир диҳад. Вақте ки шумо ба Исо Масеҳ бовар мекунед, Рӯҳи Худо рост меояд, то дар шумо зиндагӣ кунад (Рум. 8:9; Юҳ. 14:17), то ки шумо зиндагии наверо, ки барояш офарида шуда будед, ба сар баред. (1Қӯр. 16:14).

"Муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс, ки ба мо ато шуд, ҷорӣ шудааст" (Рум. 5:5). Пас, шумо муҳаббати Худоро дар худ доред, ки бароятон қудрат медиҳад, то " якдигарро дӯст дорем" (1Юҳ. 4:11), аз сидқи дил шавҳару фарзандонатонро дӯст дошта бошед (Тит. 2:4), низ дӯстону душманони худро, ва то ба дараҷаи шодӣ ба воситаи муҳаббат ба Он ки шуморо аввал шуда дӯст доштааст ҷавоб диҳед!

## I. Муҳаббати Худо

1. Шарҳ диҳед, ки чӣ тавр дар оёти зерин муҳаббати Худо тасвир шудааст, сипас ин баёноти гуногунро ба тарзи худатон нависед. (Шумо метавонед аз фарҳанг истифода баред.) *Масалан:* Муҳаббати Худо барои ман пайваста аст (қоим, тағйирнаёбанда, побарҷо).

   а. Забур 105:1

   ________________________________________

   ________________________________________

   б. Ирмиё 31:3

   ________________________________________

   ________________________________________

в. Румиён 5:8

г. Румиён 8:35

д. 1Қӯринтиён 13:4-7

е. Эфсӯсиён 3:19

2. а. Тарзҳои гуногуни ҷисмониеро, ки ба воситаи инҳо Худо муҳаббаташро ошкор месозад, шарҳ диҳед, ва инҳоро ҳамчун методҳое бинед, ки имрӯз Худо ба воситаашон муҳаббаташро ба шумо нишон доданист (Заб. 144:15-16; Мат. 5:45; Аъм. 14:17).

б. Чӣ тавр шумо нисбати оилаи худ ва дигарон ҷисман муҳаббат зоҳир мекунед?

3. Муҳаббат на танҳо ҷисман, балки бо ҳиссиёт низ зоҳир карда мешавад. Шарҳ диҳед, ки чӣ тавр 1Қӯринтиён 13:4-7 мефаҳмонад, ки муҳаббати Худо нисбати шумо шахсӣ ва дорои эҳсосот аст.

## II. Исботи комили муҳаббати Худо

4. Дар оёти зерин он чиро, ки муҳаббати шахсии Худо Ӯро водор кард, то барои шумо анҷом диҳад, ва сабабҳои муайянеро барои чунин зоҳир кардани муҳаббаташ маълум намоед:

а. Юҳанно 3:16

---

б. 1Юҳанно 4:9-10

---

в. Ваҳй 1:5

---

5. а. Мувофиқи Румиён 5:6-8, Эфсӯсиён 2:8-9 ва 2Тимотиюс 1:9, оё шумо ягон тавр ба ин намоиши муҳаббати Худо расидаед ё сазовораш шудед?

---

б. Оё шумо ба исботи комили Худо нисбати худатон ҷавоб додаед?

---

6. а. Вақте ки шумо фарзанди Худо шудаед, акнун Ӯ шуморо то ба чӣ дараҷае дӯст медорад (Юҳ. 17:23)?

---

б. Ин оятро бо гузоштани номи худ дар ҷои "онҳо" бо суханони худ нависед.

---

---

в. Ин барои шумо чӣ маъно дорад?

---

---

## III. Муҳаббати бешарт

7. а. Исо-Масеҳ масали писари гумшударо (Луқ. 15:11-32) барои тасвир кардани муҳаббати Худо овард. Бубинед, ки оё се ҷиҳати муҳаббати Худоро дар ин масал ёфта метавонед?

б. Оё, ба фикри шумо, падар дӯст доштани писарашро давом дод, вақте ки вай аз хона баромада рафт? Агар ба фикратон чунин аст, гӯед, ки аз чӣ инро фаҳмидед?

8. а. Маънои калимаи "бешарт"-ро дар фарҳанг ҷӯед, ва сипас фаҳмонед, ки ибораи "муҳаббати бешарт" чӣ маъно дорад.

б. Дар равшании ин дарс, оё мегӯед, ки муҳаббати Худо нисбати фарзандонашон ба амалҳояшон вобаста аст?

9. а. Баъд аз дастгир шудани Исо Масеҳ аз тарафи сарбозони румӣ, шогирдонаш Ӯро инкор карда партофта гурехтанд (Мат. 26:56; Луқ. 22:54-62). Ҷавобаш чӣ буд (Юҳ. 13:1)?

б. Ин барои шумо дар чӣ ибрат хоҳад буд?

10. Он чи шумо мекунед, он чи дигарон мекунанд, ё ягон воқеае оё метавонанд Худоро дар дӯст доштани шумо монеъ шаванд? Румиён 8:35-39 ва Юҳанно 13:1-ро нигоҳ кунед.

## IV. Муҳаббати илоҳӣ ба имондор ва воситаи худи вай намоиш додашуда

11. Мувофиқи оёти зерин тарзҳои гуногунеро, ки Худо барои зоҳир кардани муҳаббат ба фарзандонаш истифода мебарад, шарҳ диҳед:

а. Забур 67:19

б. Румиён 5:5

в. Эфсӯсиён 1:3

г. Қӯлассиён 1:12-14

д. Ибриён 12:6

12. Оё пай бурдани муҳаббати Худо ба шумо иҷозат медиҳад, ки ояти 1Юҳ. 4:18-ро дар зиндагиятон таҷриба кунед?

13. а. "Натиҷаеро" ки ҳақиқат дар бораи зистани Худо дар шумо ба миён овард, ном баред (Рум. 5:5):

б. Бар асоси ин ҳақиқат, Худо фарзандонашро ба иҷрои кадом як вазифаи бузург метавонад даъват кунад (Юҳ. 13:34; 1Қӯр. 16:14)?

в. Дар бораи якчанд шахси муайян андеша кунед, ки шумо барои иҷрои чунин вазифа назди инҳо фиристода шуда метавонистед.

г. Ҳамчун модар ва зан моро лозим аст… (Тит. 2:4).

д. Худо чӣ кард, то ба мо иҷозат диҳад, ки дар иҷрои вазифааш бофармон бошем (Юҳ. 7:37-39; Рум. 5:5; Ғал. 5:22).?

14. Дар бораи шахсе фикр кунед, ки вайро наметавонед дӯст дошта бошед.

а. Оё хости Худост, ки шумо ин шахсро дӯст доред (Нигаред ба саволи 13)?

б. Мувофиқи 1Юҳанно 5:14-16, агар шумо аз Худо дархост кунед, ки шуморо дар дӯст доштани ин шахс ёрӣ расонад, шумо дар кадом ду чиз дилпур буда метавонед?

в. Ваъзият ё ҳиссиёти шумо метавонанд дарҳол ё дертар тағйир ёбанд, аммо муносибати шумо бояд чӣ гуна бошад (2Қӯр. 5:7)?

## V. Тасвири шахсе дар Китоби Муқаддас, ки дӯст доштанро омӯхт

15. Сурати ҳавворӣ Юҳанноро баъд аз хониши Маркӯс 3:17, 10:35-45 ва Луқо 9:51-56 зуд тасвир диҳед.

16. Ҳамон одам дертар 1Юҳанно 4:7-21-ро навишт.

а. Аз рӯи ин порча, хоҳиши аз ҳама бузурги ҳавворӣ Юҳанно барои имондорон чист?

б. Ба фикри шумо, чӣ ин тағйиротеро ба вуҷуд овард?

17. Аз вақте ки Худо муҳаббаташро дар дили шумо гузоштааст, чӣ тағйироте майда-майда дар зиндагиятон ба амал омадаанд?

3

# *Худо соҳибихтиёр аст*

*«Ман Аввалин ҳастам, ва Ман Охирин ҳастам,
ва ғайр аз Ман худое нест»*

Ишаъё 44:6

“*Худовандо! Кибриё ва зӯрмандӣ ва шукӯҳ ва нусрат*
*ва шавкат аз они Туст,*
*зеро ки ҳар он чи дар осмон ва замин аст, аз они Туст.*
*Худовандо! Салтанат аз они Туст, ва Ту бар сари ҳама мутаол*
*ҳастӣ.* ” (1Вақоеънома 29:11)

Муҳаббати Худо дар бахшиши Писараш зоҳир шуда ба тарзи ҳайратовар бар дурахши бузургӣ ва бартарии Худо нақши худро мегузорад. Худо Соҳиб буда, бар ҳама чиз назорат мекунад (соҳибихтиёр аст). “Худованд подшоҳӣ мекунад; Худро бар хилъати кибриё оростааст.” (Заб. 92:1). Бо ин ҳақиқат дар асос Айюб тавонист, ки чунин эълон кунад: “Медонам, ки ҳар кор аз дасти Ту меояд, ва нияти Туро боздоштан мумкин нест” (Айюб 42:2).

Пас, ҳангоме мо ба ёд меорем, ки ниятҳои Худо аз ҷониби “Он Худое ки Писари Худро дареғ надоштааст, балки Ӯро барои ҳамаи мо таслим кардааст” (Рум. 8:32), Ҳамон ки муҳаббат табиаташ аст, андешида шудаанд, мо худро дар ниҳояти амният ҳис мекунем.

Чӣ ба мо, ки зан ҳастем, бештар дилгармкунанда буда метавонист, аз ин ки бидонем, ки Худои муҳаббат тамоми чизҳоро хеле хуб дар зери назорати Худ нигоҳ медорад? Ӯ чун соҳиб бар эҳсосоти тағйирёбандаи занонаи мо ва бар рӯҳия ва қарорҳои шавҳари мо, бар эҳтиёҷоти фарзандон ва хонаи мо, ҳамчуноне, ки бар вазъияти сиёсӣ, ки бар мо таъсир мегузорад, подшоҳӣ мекунад. Худо ҳама чизро идора мекунад, ва хато кардан барои Ӯ ғайримумкин аст. “Тариқи Худо комил аст” (Заб. 17:31).

“Амали Худоро бубин: зеро кист, ки тавонад он чиро, ки Ӯ каҷ кардааст, рост кунад? Дар рӯзи нек хурсандӣ бикун, ва дар рӯзи бад андеша намо, ки Худо инро низ баробари он ба амал овардааст, то ки одамизод баъд аз он натавонад чизеро дарёбад” (Воиз 7:13-14). Корҳои Худоро хуб мушоҳида кунед, зеро ки Ӯ комил аст ва соҳибихтиёрона хушбахтӣ (он чи “рост” аст) ва бадбахтиро (он чи “каҷ, хамида” аст) идора мекунад.

Хушбахтиро метавон ҳамчун ширинии зиндагӣ дид, вақте ки ҳама чиз ба назар хеле хуб ҷойгиршуда мерасад. Бадбахтӣ, вақтест, ки чизҳо доим ҷо ба ҷо мешаванд, аммо шумо аз он бехабаред!

Бадбахтиест, ки Худо онро меоварад, вале бадбахтие ҳам ҳаст, ки мо худ бар худ меоварем, ва Худо ба ин роҳ медиҳад. Мо хато мекунем, беақлиҳо ва ҳарҷу марҷ содир мекунем. Ҳангоме, ки мо ба дастуроти Худо оид ба тарзи зиндагӣ карданамон беэътиноӣ мекунем, мо метавонем бетартибӣ, бесарусомонӣ, ғам ва азобро ба бор доштa бошем. Ҳамон, ки бар тамоми чизҳо назорат мекунад, дар баробари бадбахтие, ки аз ҷониби Худаш аст, ва бадбахтие, ки мо онро ба миён меоварем, мегӯяд: "Ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад" (Рум. 8:28). Вақте ки шумо бо ноумедӣ фикр мекунед, "Худовандо! Ба ин ҳама бетартибӣ баракат деҳ!", Румиён 8:28 дар ҷавоби шумо мегӯяд, ки Ӯ аллакай инро ба амал овард! Падари дӯстдори шумо, ки тамоми чизҳоро дар зери назари Худ гирифтааст, ҳатто хатоҳоятонро дар нақшаҳои Худ барои нафъатон ба ҳисоб гирифтааст!

## I. Шарҳи соҳибихтиёрӣ

1. а. Бо истифода аз фарҳанг шарҳ диҳед, ки соҳибихтиёрӣ (ихтиёр, соҳибихтиёр, мухтор, худмухтор) чист. Сипас нависед, ки ибораи *Худо соҳибихтиёр аст* чӣ маъно дорад.

______________________________________________________________

______________________________________________________________

б. Матни 1Вақоеънома 29:11,12 дар бораи Худо чиро маълум мекунад?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

в. Агар шумо дар бораи ин баёнот фикр карда онро доим дар рӯҳ нигоҳ доред, ин чӣ тавр метавонад бар зиндагии шумо таъсир расонад?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

2. Дар ҳар яке аз оёти зерин соҳаҳои гуногунеро кашф намоед, ки дар инҳо идораи соҳибихтиёронаи Худо бар ҳама чиз намоён мешавад. (Ҳангоми хондани ҳар порча ба ёд оваред, ки Худо

шуморо ба дараҷае дӯст медорад, ки Писари Худро ба мурдан аз барои шумо роҳ додааст).

а. Ҳастӣ 14:19

---

б. Такрори шариат 10:14, 17

---

в. 1Подшоҳон 2:6-8

---

г. 1Вақоеънома 29:11-12

---

д. 2Вақоеънома 20:6

---

е. Наҳемё 9:6

---

ж. Забур 46:2-3, 7-8

---

з. Забур 49:10-11

---

и. Забур 94:3-5

---

к. Забур 113:11

---

л. Забур 134:6

---

м. Забур 144:13

---

н. Аъмол 17:24-26

3. Ҳақиқати зебоеро дар бораи соҳибихтиёрии Худо, ки дар Матто 10:30 намоиш дода шудааст, кашф кунед. Барои “майдачизҳои” зиндагии шумо ин чиро қобили истифода месозад?

4. Бо мушоҳида кардани соҳибихтиёрии Худо (дар 2Вақ. 20:6; Айюб 42:2 ва дар пункти 2), ба гумони шумо, чӣ метавонад монеъ шавад ба иҷро шудани нақшаҳои Худо дар зиндагии шумо?

а. Дар зиндагии шавҳари шумо?

б. Дар зиндагии фарзандонатон?

в. Дар хонаи шумо?

г. Дар ҷои коратон?

д. Дар ҷаҳон?

## II. Соҳибихтиёрии Худо дар зиндагии ҳаррӯза

5. а. Матни Воиз 7:13-14-ро бо суханони худ бори дигар нависед.

______________________________________________

______________________________________________

б. Вақте ки дар зиндагиятон ҳамааш нағзу гул-гул шукуфон аст, ин оёт шуморо ба чӣ даъват мекунанд? Таври мисол биёред, ки дар зиндагиятон чӣ хел аз он истифода бурда метавонистед.

______________________________________________

______________________________________________

в. Дар рӯзи сахтӣ чӣ бояд кард, ва диққати шумо бар чӣ бояд мутамарказ бошад? Мисол оваред, чӣ тавр инро дар амал карда метавонистед.

______________________________________________

______________________________________________

6. Дар бораи як ҳодисае дар зиндагиятон фикр кунед, ки метавон онро сахт аз ҷониби Худо ҳисобид. Оё ҳангоме, ки бароятон ошкор шуд, ки он аз Худост, нуқтаи назари шумо бар он ҳодиса тағйир ёфт?

______________________________________________

______________________________________________

7. а. Мушкилие
ро номбар кунед, ки ба он дучор шуда будед ва он аз боиси интихоби худатон ба миён омадааст. (Ба фасли муқаддимавӣ нигоҳ кунед.)

______________________________________________

______________________________________________

б. Сипас, Румиён 8:28-ро дар зераш нависед, ва сарфи назар аз ҳиссиётатон нисбати ин мушкилӣ ба Каломи Худо бовар кунед. Ҳиссиёт тағйир меёбанд, аммо ҳақиқат не.

## III. Намоиши соҳибихтиёрии Худо дар Навиштаҳо

8. а. Ҳастӣ 37-ро хонда бароед. Шарҳ диҳед, бо чӣ мушкилиҳое Юсуф дар зиндагии худ рӯ ба рӯ мешавад.

---

---

б. Чӣ хел муҳофизати соҳибихтиёронаи Худо аз Юсуф дар ин порча маълум мешавад?

---

---

9. Кадом воқеаҳоро метавон гуфт, ки дар ибтидои зиндагии Юсуф дар Миср лаҳзаҳои хушбахтӣ будаанд?

---

---

10. а. Оё Юсуф барои бадбахтие ки дар Ҳастӣ 39:7-20 рӯй дод, ҷавобгар буд?

---

---

б. Баъд аз хондани Ҳастӣ 39:21-23 ҷавоберо нависед, ки ба назаратон, Юсуф ба он чи бадбахтӣ менамуд, додааст.

---

---

в. Ҷавоби Шумо чи хел мебуд?

---

---

11. Аз тариқи кадом ҷанбаи таҷрибаи Юсуф дар зиндон нақшаи комили Худо намоён гардид (Ҳас. 40; 41:1, 9-14)? Чӣ хел Шуно дар ҳаёти худ нақшаи Худоро мефаҳмед?

---

---

12. а. Дар идоранамоии боҳикмати тамоми чизҳо, Худо ин таҷрибаи номусоид ба ҳайси ғулом ва зиндониро барои

пешбарӣ ба мақсади муҳимтар истифода бурд. Он мақсад кадом аст (Ҳас. 41:25-45)?

б. Шаҳодати фавқулоддаи Юсуф ба оилааш чӣ тавр буд дар баробари ин ҳақиқат, ки Худо ҳама чизҳоро дар зиндагияшон таҳти назорати Худаш қарор дода буд.

13. Барои зиндагии худ шахсан чӣ истеъмолеро аз ин ҳикоя кашф намудан метавонед?

## IV. Амалкарди соҳибихтиёрии Худо дар муносибатҳои байни зану шавҳар

14. Луқо 1:26-28, ва Матто 1:18-25-ро мутолиа кунед.

а. Ҳодисаи Марямро шарҳ диҳед.

б. Масъалаи Юсуфро шарҳ диҳед.

в. Вақте ки Марям вазъияти худро аз назар гузаронид, вай бар чӣ диққати худро мутамарказ мекард?

г. Чӣ тавр Худо соҳибихтиёрона эҳтиёҷоти ҳар якеро қонеъ кард?

д. Оё вазъият дигаргун шуд?

15. а. Дар кадом соҳаи зиндагии шавҳаратон ва ё аз худатон шумо ниёз доред, ки ба кори Худо таваккал намоед?

б. Ҳангоми хондани Масалҳо 3:5-8 ва 21:1 дар бораи соҳибихтиёрии Худо фикр кунед ва ин соҳаҳоро дар дуо ба Худо супоред.

## V. Дар зиндагии худ соҳибихтиёрии Худоро фаҳм кунед

16. Дар бораи бузургии Худо, кибриёяш ва соҳибихрияш бо диққат андеша кунед. Ҳангоме ки соҳибихтиёрии Худоро бештар фаҳм мекунед, ин устувории ҳақиқиро ба зиндагиятон ворид мекунад, ва дар дили як зан рӯҳи орому меҳрубонро инкишоф медиҳад, ки ин дар назари Худо гаронбаҳост.

4

# *Худо тавоно аст*

*«Зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд;*
*Ӯ амр кард ва қоим гардид»*

Забур 32:9

Дар бораи тавоноии пурҷӯшу хурӯши тӯфон, торнадо ё таркиши атомӣ, ғурриши тундар ё обшори хеле баланд фикр кунед. Акнун кӯшиш карда барои тасвири қувваи фавқулодда, ки офтобро боз медорад, то он рост бар замин худро наандозад, сайёраҳоро бар мадорҳояшон ва моҳтобу ситораҳоро бар хати даврхӯрдани онҳо нигоҳ медорад, фикрҳои худро кушоед. Худо, ҳамчун Офаридагор, Сарчашмаи ин ҳама тавоноиест, баробар ба ҷамъи ҳамаи инҳо, ки дар боло зикр шудаанд.

Навиштаҳо чизи дигари боз ҳам ҳайратноктареро маълум мекунанд. Тамоми тавоноие, ки дар олам зоҳир мешавад, нест чизе ҷуз қувваи "ниҳони"-и тавоноии Худои мо (Ҳаб. 3:4). Аҷоиб! Қувваи олиҷаноби зоҳиршуда дар олам бештар аз ин ки тавоноии номаҳдуди Худоро кушояд, худро ниҳон медорад. Ин фақат қатрае аз тавоноии фаҳмиданашуданист.

Худо гуфт, ва ҳар чи ҳаст, аз ҳеҷ пайдо шуд! Ману шумо барои кори худ ба мавод эҳтиёҷ дорем, вале нақшаҳои Худо иҷро шудаанд, вақте ки Ӯ гуфт: "Зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд, Ӯ амр кард ва қоим гардид" (Заб. 32:9). Худо гуфт, "ки рӯшноӣ бишавад", ва рӯшноӣ шуд, ва Худо дид, ки ин хуб буд (Ҳас. 1).

Чӣ тавр ҳастии ҳама чизе ки Ӯ офаридааст, давом дорад? Ӯ "…ҳама чизро бо каломи қуввати Худ нигоҳ доштааст" (Иб. 1:3). Тавоноии Худо фаҳмиданашуданист; Ӯ сухан меронад, ва он иҷро мешавад!

Барои Худо ҳеҷ амале мушкилтар аз амали дигар нест, зеро ки тавоноӣ аз Худост (Заб. 61:12), ҳар яке аз амалҳояш бе ягон зӯрӣ бо ҳамон тавоноӣ анҷом ёфтаанд. Шумо мебинед, барои Худо офаридани дунё бо суханаш ҳамчуноне, ки ба шумо додани як болопӯш, ки ба он эҳтиёҷ доред, осон аст. Барои Ӯ як шахси бонафратро ба шогирди муҳаббаташ тағйир додан кори мушкилтар аз ин нест, ки бароятон ёрӣ диҳад, то шумо аз ин рӯзи пурташвиш бо оромиш даргузаред. Тавоноии табиии Худо ягон маҳдудияте надорад.

Вале ин бас нест. Мо соҳиби зиндагии навем, соҳиби зиндагии ҷовидонем, агар "аз нав ба вуҷуд омада бошем на аз тухми фонӣ, балки аз тухми бефано, ба василаи Каломи Худо, ки зинда аст ва то

абад боқист” (1Пет. 1:23). Ба Каломи Худо дар хусуси марг ва растохези Исо Масеҳ имон оварда, шумо дар Масеҳ зани нав шудаед; зиндагии пештараи шумо ҳамчун ҳамсар, модар ва зани “асиркардашуда” дигар аз байн рафтааст; шумо зани нав шудаед. “Касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст” (2Қӯр. 5:17). Ин ҳақиқат аст, аммо таҷрибаи шумо аз ин ҳақиқат пеш рафтааст. Ва чӣ тавр ин дигаргунии фавқулодда ба амал меояд? Бо тавони каломи Ӯ! Ба худ тасаввур кунед, чӣ қадар каломи Ӯ барои шумо тавоност. Агар шумо ба он бовар карда дар амал онро ба ҷо оваред, он зиндагии шуморо дигаргун месозад. Чизи қобили тааҷҷуб нест, “… Зеро ки каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст” (Ибр. 4:12).

“Зеро ки Ӯ гуфт, ва иҷро шуд, Ӯ амр кард ва қоим гардид” (Заб. 32:9). Ҳамчун зани масеҳӣ, шумо тамоман нав ҳастед (2Қӯр. 5:17).

Дигар эълони Навиштаҳо ин аст, ки ин Худои тавонои ҳама дар шумо сокин аст, ба шарте ки шумо шахсан Исо Масеҳро ҳамчун наҷотдиҳанда қабул карда бошед. “Мо назди вай омада, бо вай маскан хоҳем гирифт” (Юҳ. 14:23); “Масеҳ дар шумо…“ (Рум. 8:10); “… агар касе дорои Рӯҳи Масеҳ набошад, вай аз они Ӯ нест” (Рум. 8:9).

Ин дар зиндагии ҳаррӯзаи мо, ҳамчун модар, амалан чӣ маъно дорад?

Каломи тавонои Худо эълон мекунад, ки ҳамон қуввате, ки Исоро аз мурдагон эҳё кард, ва Ҳамон, ки Ӯро ба дасти рости Худо-Падар шинонидааст, дар мо, ки имон дорем, ҳаст (Эфс. 1:19-20). Маҳз ҳамон тавоноии Худо ба ҳар як зи мо иҷозат медиҳад, ки ҳамсаре барои шавҳари худ мувофиқи эҳтиёҷаш бошем, то ӯ он чиро, ки барояш офарида шуда буд, ба амал оварад. Ҳамин тавоноии Худо ба мо иҷозат медиҳад, то модаре бошем, ки тамоми эҳтиёҷоти фарзандони худро бароварда  мекунад, то инҳо калон шуда, ҳамчун “тирҳо дар дасти зӯровар” (Заб. 126:4) ба “мақсаде”, ки барояш офарида шудаанд, бирасанд. Ин Худои тавонои ҳама, ки дар мо ва ба василаи мо зиндагӣ мекунад, шарҳи амалии ваъдаи зерини Навиштаҳост:

“*Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад*”
(Филиппиён 4:13),

“*Некӯаҳволии ту тамоми умри ту давом мекунад!*”
(Такрори шариат 33:25) ,

“*Даъваткунандаи шумо амин аст, ва инро низ (Ӯ) ба амал меоварад*”
(1Таслӯникиён 5:24).

Ин ваъдаҳо дар зиндагии шумо ба амал омада метавонанд!

Ҳақиқати аҷоиб барои шумо, зани масеҳӣ, ин аст, ки Худои тавонои ҳама дар шумо зиндагӣ мекунад, тавоноии номаҳдуди Худо дар шумо маскан гирифтааст! Андозаи тавоноие, ки шумо ба он ниёз доред, бо имон (ки калидаки он мебошад) аллакай дар дастраси шумост, вазъияте, ки шумо ҳоло дар он қарор доред, ё ягон вақт дар он қарор хоҳед дошт, кам аҳамият дорад (“ҳеҷ чиз имконнопазир нест барои касе, ки имон дорад”). Худо қувваташро ба воситаи шумо, мувофиқи вазъияте, ки дар он қарор доред, баён мекунад. “То ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем” (Ибр. 4:16). “Қуввати ту тамоми умри ту давом мекунад!” (Так. ш. 33:25).

Оё шумо дар вазъияте, ки ба гуфтаи одамӣ аз қувваи шумо берун аст, қарор доред? Шояд, ки дар муомилаи рӯҳияи кина, рашк, талхӣ, хашм, хафагӣ, ғурур, тарс, афсурдахотирӣ, набудани назму интизом, ё одати баде, ки ҷуръати шикастани онро надоред, асир ҳастед? Шояд, ки ҳодисаеро рӯ ба рӯ шудаед, ки ба назаратон муқовиматнопазир аст. Шумо танҳо мубориза мебаред, дар ҳоле, ки тавоноии Худо дар дастраси шумост?

“*Он чи барои одамон ғайриимкон аст, барои Худо имконпазир аст*”
(Луқо 18:27),

“*Инак, Ман – Худованд – Худои тамоми башар ҳастам; оё барои Ман чизи мушкиле ҳаст?*”
(Ирмиё 32:27),

*“Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад”*
(Филиппиён 4:13).

Шумо метавонед ба чунин Шахсе бо имон такя ва таваккал кунед! “Кист мисли Ту, эй Худованд…?” (Хур. 15:11). “Худованд … наҷоти ман аст” (Заб. 26:1).

Барои он ки мо имонамонро дар Худо қарор диҳем, мо ниёз дорем, ки дар дониши Худои тавонои ҳама, боқувват ва тавоно пешрафт кунем. Инро фаромӯш накунем, ки тавоноии Ӯ метавонад дар зиндагии ҳаррӯзаи мо ба зуҳур ояд (Ғал. 2:20).

## I. Тавоноии Худо

Бар Рӯҳи Худо такя кунед, то ҳангоми мутолиаи ин дарсҳо роҳнамои шумо бошад.

1. Навиштаҳо дар ҳаққи тавоноӣ ё қувват эълон мекунанд (Заб. 61:12):

______________________________________________

______________________________________________

2. Худо дар бораи Худ гуфтааст (Ҳас. 17:1):

______________________________________________

______________________________________________

3. Дар Марқӯс 14:62 Исо калимаи __________-ро барои номидани Худо ба кор мебарад.

4. Аз оятҳои зерин дар бораи Худо чӣ маълумоте мегиред:

a. Такрори шариат 32:39

______________________________________________

______________________________________________

б. 1Ваќоеънома 29:12

в. Айюб 42:2

г. Забур 134:6

д. Ирмиё 32:27

е. Матто 19:26

5. Тавоноии аҷоиби Худо, мефаҳмем мо онро ё не, ҳаррӯза ба мо маълум мегардад бо:

а. (Заб. 18:2-5; 35:7; 65:9)

б. (Заб. 32:6-9; 88:12-13)

6. Тарзҳои таъсири ин ду мисоли тавоноии бузурги Худоро бар шахси шумо номбар кунед.

7. Тавоноии номаҳдуди Худо барояш иҷозат медиҳад, то ҳар чиро ки Ӯ хоҳад, анҷом диҳад. Пас, эътимод мебахшад донише, ки:

а. Иродаи Худо то абад _____________(Заб. 17:32) аст.
б. Иродаи Худо то абад _____________(Заб. 84:13; 105:1) аст.

## II. Тавоноии Каломи Худо

8. Мувофиқи Китоби Муқаддас, ҷаҳоне, ки оилаҳои мо дар он ҳоло зиндагӣ ба сар мебаранд, чӣ гуна офарида шудааст? (Ҳас. 1:1-3,6,9,11,14,20,24; Заб. 32:9)? Кадом калима дар ин оятҳо зуд-зуд такрор мешавад?

_______________________________________________

_______________________________________________

9. Чӣ тавр офаридаҳои Худо зиндагияшонро имрӯз идома дода метавонанд? (Ибр. 1:3)

_______________________________________________

_______________________________________________

10. Юҳанно 1:1-4; 14-ро хонед. Дар ин оёт "Калом" нисбат ба кӣ гуфта шудааст?

_______________________________________________

_______________________________________________

11. Дар давоми хизмати заминии Худ Исо Масеҳ қудрати Худро намоиш додааст.

а. Бар____________________________________(Мат. 8:3)
б. Бар____________________________________(Луқ. 5:18-25)
в. Бар____________________________________(Луқ. 8:22-24)
г. Бар____________________________________(Луқ. 8:27-33)
д. Бар____________________________________(Юҳ.11:41-45)

12. а. Рӯйхати ҳақиқатҳоеро тартиб диҳед, ки дар Қӯлассиён 1:15-17 дар бораи Исо Масеҳ баён карда шудаанд.

_______________________________________________

_______________________________________________

б. Дар бораи Исо Масеҳ чӣ хулосае метавон кард? (Бар иловаи оятҳои пешин низ ба Юҳанно 10:30 ва Забур 61:12 муроҷиат намоед).

## III. Тавоноии дигаргункунӣ

Чун Худо тавонои ҳама аст, Ӯ метавонад тамоми дунё ва ҳатто шуморо дигаргун созад.

13. а. Дар бораи ду асосе ки аз саволҳои 4 ва 7 мебароянд, фикр кунед:

    1) Худо тамоми қудратро дорад, касе "нақшаҳои Ӯро монеъ шуда наметавонад"; ва
    2) хоҳиши Ӯ доим беҳтарин аст.

    б. Акнун ин донишро ба як масъалаи душвор ва ғайриимкон, ки алҳол аз сар мегузаронед алоқаманд кунед. Аз нуқтаи назари Худо вазъияти худро аз нав фикр карда бароед.

    в. Баъзе аз хулосаҳои нави худро номбар кунед.

    г. Навиштаҳо вазъиятеро, ки шумо алҳол ба сар мебаред, ҳамчун

    шарҳ медиҳад (Рум. 12:12).

    д. Самарҳоеро номбар кунед, ки дар зиндагии шумо ҷо хоҳанд дошт, ба шарте ки пайи ҷараёни Румиён 12:12 равед.

е. Бо суханони худ маънои “ин самарро” шарҳ диҳед. (Фарҳанг метавонад ба беҳтар фаҳмидани маънои ин калима барои шумо фоида оварад.)

## IV. Тасвири тавоноии Худо дар муносибатҳои байни зану шавҳар

Ҳикояҳои таърихии зерин дар бораи ду нафар одамоне, ки Худо вазифаи ягонаро барояшон супурда буд, нақл мекунанд. Худи Худо мавзӯи имони ин ду одам буд.

14. 1Подшоҳон 17:1-3-ро хонед, то матни ин ҳодиса бароятон маълум гардад. Мухолифати ҳисшавандаи байни Довуд аз як тараф ва бародарону ҳамватанонашро аз тарафи дигар, шарҳ диҳед.

15. а. Довуд низ мухолифи Шоул аст. Шоул чиро барои фикр кардан, ки Довуд барои ҷанг бо Ҷолиёт омода нест (1Подш. 17:33), ба асос мегирад ?

б. Гарчи навкарҳои Шоул низ ботаҷрибаи ҷангӣ буданд, ҷавоби онҳо ба ин ҳодисаи душвор чӣ буд (1Подш. 17:24)?

в. 1Подшоҳон 34-40-ро хонед. Кӣ ва чӣ тавр Довудро машқ карда буд?

г. Самари ин машқ кардан чӣ гуна буд?

д. Пас модоме ки Довуд бо Шоул гап мезанад, ӯ аз дониши Худои худ чиро маълум мекунад?

---

---

е. Довуд фақат дар бораи Худо гап мезанад, ё ин ки ба тавоноии Худо таваккал мекунад? Инро аз куҷо медонед (1 Подш. 17:37,40)?

---

---

ж. Вақте, ки шумо мегӯед: “Худо муҳаббат ва тавонои ҳама аст” ва дар айни ҳол дар ташвиш ва ғамгинед, ин чӣ маъно дорад?

---

---

16. а. Мувофиқи гуфтаҳои Довуд чӣ дастонашро қувват медод? Кӣ дар асл Ҷолиётро шикаст дод (1Подш. 17:45-46) ?

---

---

б. Тавре, ки Худо ба Довуд тавоноӣ ваъда дод, Ӯ ба шумо дар Ишаъё 41:10 чиро ваъда медиҳад?

---

---

17. Илёси набӣ дуо кард, ки се сол борон наборад, ва борон нашуд. Дар охири ин се сол Илёс барои борон дуо кард. Ҳангоме ки ӯ дуо мекард, абрҳо бар хатти уфуқ ба ҷамъ шудан сар карданд.

а. Анҷоми кадом қаҳрамонӣ барои он Илёс, намояндаи Худо, лозим буд, то ӯ ҳамон касе шавад, ки мӯъҷизаи ин боронро, ки аз Худо меояд, эълон кунад (3Подш. 18:44-46)?

---

---

б. Кадом ибора шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна Илёс тавони кардани инро дошт?

---

---

в. Ба фикри шумо оё анҷом додани ин қаҳрамонӣ барои Худо душвор буд (Ирм. 32:17)?

---

---

## V. Тавоноии Худо дар шумо

18. Кадом чизҳои аҷоибро тавоноии Худо дар зиндагии шумо анҷом додааст (Қӯл. 1:12-14)?

---

---

19. а. Павлус, ҳангоме ки барои Кӯлассиён дуо мекунад, бар чӣ таваккал дорад (Қӯл. 1:11)?

---

---

б. Дар Кӯлассиён 1:11, Павлус мегӯяд, ки имондорон бояд бо тамоми қуввати Худо мустахкам шаванд, то бо ___________ дорои __________ва _______бошанд.

20. Дар Ишаъё 40:29,31 ва 41:10 тавоноии Худо барои чӣ лозим аст?

---

---

---

---

---

---

21. Оё аз ҷиҳатҳое ки дар саволҳои 19 ва 20 ёдовар шудаанд, дар ягонтояш шумо ба тавоноии Худо зарурат доред? Махсус дар кадом ҷиҳат?

---

22. а. Ҳамчун зани масеҳӣ, барои имкон додани бе тарс рӯ ба рӯи ҳар ҳодисаи ҳаёти худ шудан шумо бар чӣ такя мекунед (Заб. 27:1)?

б. Шумо дар зиндагии худ ин тавоноиеро, ки аз Худо меояд, таҷриба хоҳед кард, замоне (Юҳ. 15:17; 16:24; Ибр. 11:6; 1Юҳ. 5:14-15) ки:

5

# *Худо некӯст*

*«Чӣ арҷманд аст эҳсони Ту, эй Худо!*
*Банӣ одам дар сояи болҳои Ту паноҳ меёбад»*

Забур 35:8

Оё медонед, ки тамоми чизҳои некӯе ки шумо мегиред, мебинед, мешунавед, мечашед, ё ҳис мекунед, аз Худои зинда меоянд? “Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағйироте нест ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқ. 1:17).

Вақте ки Навиштаҳо мегӯянд: “Худо некӯст“ (Наҳ. 1:7; Заб. 24:8; 85:5; 118:68), чунин баёнияи комил маъно дорад, ки Худо сарчашмаи ҳар чизи хуби коинот аст. Ин тавр некӯиро дур аз Худо наметавон ёфт.

Таронасаро дар бобати он кӣ аз Худо дур мебошад, тасдиқ мекунад ки “некӯкоре нест, як нафар ҳам нест” (Заб. 13:1-3). Ҳайрон нашавед, вақте ки шумо аз Худо ва аз фармонҳояш рӯй гардонда, некие наёбед!

Худо ҳаргиз чизеро ки барои шумо некӯ набошад, накардааст ва нахоҳад кард, зеро ки Ӯ комилан некӯст. Худо низ тағйир хӯрда наметавонад (нигаред ба мавзӯи “Худо ивазнашаванда аст”), ва Ӯ ҳаргиз некӯии камтар ё зиёдтареро аз он ки имрӯз бароятон нишон медиҳад, зоҳир накардааст. Худо имрӯз барои шумо, аз вақте ки Писарашро барои мурдан дар ҷои шумо таслим карда буд, камтар некӯ нест. Ӯ ҳамеша метавонад нақшаҳои комилан хуб ва боҳикматро, ки барои шумо кашидааст, анҷом диҳад, зеро Ӯ соҳиби тавоноии беохир аст ва тамоми чизҳоро бисёр хуб идора мекунад. Аз барои ҳамин аст, ки “... барои дӯстдорони Худо... ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад” (Рум. 8:28). Қабули ин ҳақиқат сулҳу мустахкамиро ба зиндагии шумо оварда тамоми тарсҳоро барҳам медиҳад.

Дар бораи некӯии Худо фикр кунед, то ки ин шуморо дар воқеаҳои ҳаррӯзаатон дилбардорӣ кунад. Гарчи шумо роҳҳои Худоро ба сабаби маҳдудияти дидгоҳатон нисбати он чи ба даври шумо рӯй медиҳад, хуб дарк намекарда бошед ҳам, дилпур бошед, ки ҳаракатҳои Худо барои шумо оқибат некӯӣ меоваранд; “... Худои ҷовид низ некӯӣ ато хоҳад кард”, зеро ки “тариқи Худо комил аст” (Заб. 84:13; 17:31).

# I. Сифати дорои ҷои аввал

1. а. Кадом ҳақиқат дар бораи Худо дар Наҳемиё 1:7 дар ҷои аввал гузошта шудааст? (Ҳаррӯза зиндагӣ кардан дар нури ин ҳақиқати оличаноб ба таври амиқ бар зиндагии як зан таъсир хоҳад кард.)

---

б. Чӣ тавр некӯии Худо дар рӯзи ғам метавонад барои шумо як қалъае бошад?

---

2. а. Худо ба сабаби некӯии Худ чӣ хоҳад кард (Заб. 24:8-9)?

---

б. Худо инро бо иродаи Худ ба ҷо хоҳад овард, ки метавон ҳамчун ________________ (Рум. 12:2), ва фармонҳояш, ки ______________, ____________ ва ____________ (Рум. 7:12) шарҳ дода шуд.

3. Пас фармонҳои гуногуни Худоро ки ошкоршуда дар Навиштаҳо мебошанд, кашф карда чиро лозим аст, ки фаҳмида гиред? (Барои ёрӣ нигаред бар саволҳои 1 ва 2, низ ба Так. ш. 5:29 ва 6:24.)

---

---

4. Бо суханони худ ҳақиқати аҷоиби дар Яъқуб 1:17 кашфнамудаатонро дар бораи ҳар чизи некӯе, аз хурдтарин то бузургтарин, ки дар зиндагиятон сурат мегирад, шарҳ диҳед.

---

---

## II. Некӯии Худо намоиш шуда дар ҷаҳон

5. а. Назари Худоро дар бораи офариниш, баъд аз ба вуҷуд овардани он бо сухани Худаш, пешкаш кунед (Ҳас. 1:31).

б. Мухолифати ҳисшавандаро байни Ҳастӣ 1:31 ва 6:5-6 дар нури Ҳастӣ 2:15-17 ва 3:1-8 шарҳ диҳед.

6. Сарфи назар аз тамоми ҳодисаҳои баёншуда дар Ҳастӣ 3, мувофиқи Забур 32:5 чӣ доим дуруст аст?

7. а. Кӣ аз некӯиҳои Худо истифода мебарад (Мат. 5:43-45)?

б. Чӣ тавр имондори масеҳӣ ба Худо монанд буда метавонад (Мат. 44-48)?

в. Чӣ тавр фармони “душманони худро дӯст бидоред” шуморо озод месозад, ва аз ин рӯ барои некии шумост?

8. Тибқи порчаҳои зерин, далелҳои қиматбаҳои некӯии ҳаррӯза Худовандро нисбати худ ном баред. Шахсан аққалан дутои ин оятҳоро дар зиндагии худ амалӣ кунед.

а. Ҳастӣ 8:21-22

б. Забур 35:7

в. Забур 144:9, 15-16

г. Матто 6:26-30

д. Аъмол 14:17

9. Исботи комили некӯии Худоро нисбат ба шумо ва тамоми инсонҳо, тавре ки он дар Румиён 5:6-8 ва Ғалотиён 4:4-6 ошкор шудааст, шарҳ диҳед.

## III. Некӯии Худо зоҳир шуда ба имондорон

10. Некӯии Худо бо файзаш нисбати ононе, ки ба Исо Масеҳ имон доранд, тасвир дода шудааст. Баракатҳои изҳоршуда дар оёти зеринро, бо даргузор кардани номи худ ном баред.
*Масалан: Юҳанно 1:12 – Ӯ (Каломи азалии ҷисмшуда) ба Саломат қудрат дод, ки фарзанди Худо гардад.*

а. Юҳанно 1:12 (нигаред ба 1Юҳ. 3:1; Эфс. 1:5)

б. Румиён 8:28

---

в. Румиён 8:32

---

г. Эфсӯсиён 1:3-6

---

д. Эфсӯсиён 1:7-8

---

е. Эфсӯсиён 1:13

---

ж. 2Петрус 1:3-4

---

11. Пас ҳангоме ки шумо дар бораи кашфиёти некӯии Худо дар ҳаёти худ фикр мекунед, Забур 33:9 ва 106:1-8 шуморо ба кадом кор даъват мекунанд? Оё онро кардаед?

---

---

12. а. Тибқи Румиён 2:4, самари некӯии Худо дар зиндагии шумо чӣ гуна хоҳад буд? Мисолеро аз таҷрибаи шахсии худ биёред.

---

---

б. Некӯӣ ва эҳсони Худо ба кадом корҳои муайяни дигар шуморо ба ҳаракат меоварад (Заб. 35:9)?

---

---

## IV. Некӯии Худо зоҳир шуда ба воситаи имондор

13. Мувофиқи Забур 33:15, Эфсӯсиён 2:10, Қӯлассиён 1:10 ва Титус 3:8 сабаби муайяни мавҷуд будани зани масеҳиро дар ин замин кашф кунед. Чӣ тавр фармони асосии мавҷуд дар ин оёт метавонад барои некӯии шумо ёвар бошад? Чӣ тавр ин фармон ба нақшаи умумии Худо ба имондорон вобаста аст (Рум. 8:29)?

14. Ороиши боаҳамияти зан дар назари Худо чист (1Тим. 2:9-10)? Дар қисмати тарбияи духтаронатон ин баён ба шумо чӣ дастур медиҳад?

15. Азбаски ин навъ ороиш дар назари Худо чунон пурарзиш аст, мисолҳои некӯкориро дар Китоби Муқаддас бояд кашф кард. Инҳоеро ки шумо дар порчаҳои зерин хоҳед ёфт, ном баред:

а. Забур 132:1

б. Масалҳо 12:25

в. Мико 6:8

г. Матто 5:44-45

д. Румиён 12:9-21

е. 1Таслӯникиён 5:15-21

ж. 1Тимотиюс 2:1-3

з. Титус 2:4-5

и. Титус 3:1-2

16. Вақте ки шумо, ҳамчун зан ва модар, барои оилаи худ некӯӣ мехоҳед, ин дар шумо аз куҷост (Фил. 2:13)?

17. Румиён 7:18-19, 24-25; 2Қӯринтиён 9:8; 1Таслӯникиён 5:24, ва 2Петрус 1:3-ро барои шарҳ додани он чи Худо кард, то ба шумо иҷозати кардани корҳои некро диҳад, истифода баред. (Фикр кардан дар бораи ин оёт вақте ки шумо дар кӯшишҳои худ ба кардани корҳои хуб ноком мемонед, бахусус баракатбор аст.)

18. Натиҷаи корҳои неки шумо чӣ гуна хоҳад буд:

а. Бар дигарон (1Пет. 2:12)?

б. Бар худи шумо (Так. ш. 6:24)?

Акнун ҳамчун зани масеҳӣ фаҳмед, ки Худои зинда, сарчашмаи тамоми некӯӣ дар шумо зинда аст. Вақте ки шумо ба ихтиёри Ӯ вобастаед, некӯии Ӯ бар шумо, оилаи шумо ва дигарон паҳн

мегардад. “Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед” (2Қӯр. 9:8).

6

# *Худо ҳамадон аст*

*«Чаро, эй Яъқуб, ба забон мерони,*
*Ва, эй Исроил, мегӯӣ:*
*"Роҳи ман аз Худованд гум шудааст...?"»*

Ишаъё 40:27

Шумо навакак ҳиссиётатонро ба шавҳаратон фаҳмонда додед, ва агар ӯ бо нигоҳи холӣ ба тарафи шумо мебинад, ки мехоҳад гӯяд: “Зан бояд яке аз офаридаҳои аҷиби Худо бошад”. Шумо фикр мекунед: “Наход ман чунон танҳоям? Оё касе ҳаст, ки гуфтаҳои маро мефаҳмида бошад?”

Каломи Худо ҷавоб медиҳад: “Андешаҳои дили шуморо Ман медонам” (Ҳизқ. 11:5). “Ту шинухези маро медонӣ; андешаҳои маро аз дур мефаҳмӣ” (Заб. 138:2).

Чӣ қадар ин аҷоиб аст! Худо медонад. Касе ҳаст, ки фикрҳоятонро мефаҳмад!

Шумо рӯҳафтода ва фиребхӯрда ҳастед. Чизе барои шумо лозим аст, ки худатон намедонед чӣ.

Каломи Худо шуморо дилбардорӣ мекунад: “Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исо Масеҳ пур хоҳад кард” (Фил. 4:19). Чӣ тавр Худо инро карда метавонад? Ӯ эҳтиёҷотатонро *медонад*.

Шумо ғамгин ва фурӯгирифтаи андӯҳ ҳастед – касе ғуссаи андӯҳатонро фаҳмида наметавонад. Шумо фикр мекунед: “Бале, Худовандо, ту ин чизҳоро медонӣ. Ту ҳатто фикрҳоямро мешиносӣ, аммо оё Ту он чиро ки ман *ҳис мекунам,* медонӣ?”

“*Зеро мо чунин саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо*
*натавонад ба мо дилсӯзӣ намояд, балки Ӯ монанди мо,*
*дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард.*
*Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем*
*ва барои мадади саридарвақт файз ёбем*”
(Ибр. 4:15-16)

Ҳақиқатҳои кашфшудаи Навиштаҳо ки ҷавобҳои дар боло зикршудаи Китоби Муқаддас бар онҳо асос ёфтаанд, ин аст, ки *Худо ҳамадон аст*. Худо ҳамеша ҳама чизро медонист, пас Ӯ чизеро ёд нагирифтааст! “Кист ки Рӯҳи Худои ҳовидро андоза намудааст, ва мушовири Ӯ гардидааст, ва Ӯро таълим додааст” (Иш. 40:13).

Ибораи “Худо ҳамаро медонад” чӣ гуфтанист? Маълум мешавад, то зеҳнамон битавонад ин ҷиҳати фаҳмиданашудании хислати Худоро аз худ кунад, моро ба тасвир эҳтиёҷ ҳаст. Барои тасвир додани он, дар бораи “ҳаракате” фикр кунед, ва ин ҷиҳатро дар нури ҳамадонии Худо аз назар гузаронед. “Ба Худое ки ҳамаи инро ба амал меоварад… корҳояш абадан маълум аст” (Аъм. 15:17-18). Дониши умумии тамоми офаридаҳои Худо гуфтанист, ки Ӯ дар ҳар лаҳза, ҳар бол задани ҳар магас, занбӯр ё паррандаро медонад. Худо хурдтарин ларзидани алафро медонад. Худо ҳар қадами инсон, ҳар ҷунбондани сар, ҳар ҳаракати бечои чилликҳоро дида мемонад (Заб. 138:1-3). Худои мо хурдтарин ҳаракатеро ки сурат гирифт, ё хоҳад гирифт, медонад, ва ин дониш қисми ночизтарини ҳамадонии Ӯст!

Чизи дигари тааҷҷубовар дар бораи ҳамадонии Худо ин аст, ки Ӯ на фақат хурдтарин дақиқияти гузашта, ҳозира ва ояндаро, балки низ тамоми имконотро медонад; Ӯ “ва агар…”-ҳоро медонад (1Юҳ. 3:20; Мат. 11:21-24)! Оё шумо аллакай ба худ савол додаед: “Агар ҳамааш дигар хел мегузашт, чӣ мешуд?” Худо онро дақиқ медонад! Маълум аст, ки мо бояд пеши Худои мо ки танҳо “сурат”-ро пурра мебинад, маслиҳат ҷӯем. “Ба Худо умедвор бош… Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард” (Заб. 26:14; 31:8).

Худо *ҳамаашро* дар бораи шумо медонад. Ва ҳатто ҳар ният, ҳар гуноҳи махфиро шинохта, Ӯ ба дӯст доштани шумо идома медиҳад. “Гуноҳҳои моро дар пеши назари Худ гузоштаӣ, ниҳони моро дар нури рӯи Худ” (Заб. 89:8). “Ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд” (Рум. 5:8).

Ӯ шуморо дӯст медорад! Чӣ дилҷамъиест донистани он, ки шумо набояд касе ки нестед, бошед; чунки Ӯ шуморо чуноне ки ҳастед, дӯст медорад. Касе барои ошкор кардани ягон чизе, ки муҳаббати Ӯро аз шумо кашида метавонист, назди Худо рахна зада наметавонад. Ҳеҷ як сустии хислат наметавонад ногоҳ ошкор шуда, Худоро яку якбора ба ҳайрат андозаду меҳрашро нисбати шумо камтар созад. Гарчанде ки Ӯ ҳар чиро ки дар бораатон донистан мумкин аст, медонад, шумо дар назараш чунон қимати бебаҳо доред, ки Ӯ ба мақсади доштани муносибати шахсӣ бо шумо дар абадият Писарашро ба мурдан таслим кард!

Ӯ ҳар дақиқияти воқеаеро, ки шумо феълан паси сар мекунед, *медонад*. “Ту шинухези маро медонӣ; андешаҳои маро аз дур мефаҳмӣ. Атвор ва кирдори маро санҷидаӣ” (Заб. 138:2-3).

Ҳеҷ каси дигаре наметавонист воқеияти имрӯзаи шуморо дарк кунад, аммо Худо аз он комилан огоҳ аст. Ӯ на фақат медонад, балки ҳудудҳои шумо ва он чиро ки ба он тоб оварда метавонед, мешиносад: “Зеро ки Ӯ сиришти моро медонад: дар хотир дорад, ки мо хок ҳастем” (Заб. 102:14).

Барои фаҳм чӣ дилпазир аст, ки азбаски Худо аз чӣ будани моро медонад, Ӯ ба чӣ ниёз доштани моро дар оянда ва ҳоло низ медонад. Дониши Худо аз ояндаамон асоси ваъдааш “пеш аз он ки онҳо бихонанд, Ман ҷавоб хоҳам дод, ва пеш аз он ки онҳо сухане гӯянд, Ман хоҳам шунид” (Иш. 65:24) мебошад. Чӣ тавр Худо ба дархосте ҷавоб дода метавонад, дар ҳоле ки он ҳанӯз дар як шакл иброз нашудааст? Пеш аз ин ки шумо хоҳишатонро барояш гӯед, Ӯ аллакай аз он огоҳ аст.

Худо шомили гузашта, ҳозира ва оянда дар айни замон, аз ибтидо то ба табаддулоти миллатҳо, то ба роҳи як мӯрча, Ӯ аз ҳар дақиқияташ бохабар аст. Азбаски танҳо Худоояндаро медонад, *танҳо Ӯ* онро пешгӯӣ карда метавонад. Ҳар пешгӯии иҷрошудаи Китоби Муқаддас дар нозукии хурдтарин ба амал омада ва барои пешгӯиҳо дар бораи оянда низ чунин хоҳад шуд. Фақат пайғамбарони Худо бар 100% ҳақанд!

Ва азбаски танҳо Худо аз оянда огоҳ аст, танҳо Худи Ӯ метавонад шуморо ба ояндаатон омода созад, Ӯ ба шумо ваъда дод: “Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард” (Заб. 31:8). Дастуроти Ӯ барои равшан кардани роҳи шумо дар Каломаш аст: “Каломи Ту чароғ аст барои поям; ва нур аст барои роҳам” (Заб. 118:105).

# I. Худо ҳамаро медонад

1. Навиштаҳо дастуротеро медиҳанд, ки ба шахси маҳдуд имкон медиҳанд, то ин фарзияи номаҳдудро, ки Худо ҳама чизро медонад фаҳм кунад! Дар оёти зерин баъзе аз чизҳоеро ки Худо медонад, фаҳмида, ҷавоби аниқ диҳед:

а. Айюб 23:10

---

б. Забур 102:14

---

в. Забур 138:2-4

---

г. Забур 146:5

---

д. Ҳизқиёл 11:5

---

е. Дониёл 2:22

---

ж. Аъмол 15:17-18

---

з. Ибриён 4:13

---

2. "… мегӯяд Худованде ки ҳамаи инро ба амал меоварад" (Аъм. 15:17-18). Чӣ тавр Забур 49:11 ва Матто 10:30 ба мо маълумот аз дониши "умумӣ"-и Ӯ медиҳанд?

---

---

---

3. а. Ҳамадонӣ ва некӯии Худо барояш имкон медиҳанд, то довариҳоеро ба амал оварад, ки доим __________ бошад (Ирм. 11:20), чунки Ӯ тамоми фактҳо ва ҳама ҷиҳатҳои ниятшударо медонад, ва доим некӯӣ мекунад.

б. Вақте ки шумо дар бораи довариҳои Худо дар Навиштаҳо мехонед, ин барои шумо чӣ маъно медиҳад?

---

---

4. а. Кашфиёти худро аз назар гузаронед, оё пеши Худо саволҳо истода метавонанд? Оё Ӯро лозим аст чизеро савол кунад ва чизе ёд гирад? Чаро?

---

---

---

б. Аз рӯи фаҳмише ки дар бораи ҳамадонии Худо доред, чӣ тавр шумо қарорҳоеро, ки Худо нисбати идоракунии зиндагиятон дорад, шарҳ медиҳед?

---

---

---

## II. Дониши Худо ва пешгӯии оянда

Навиштаҳо баён мекунанд, ки танҳо Худо метавонад аз оянда огоҳ бошад (Иш. 41:22-24; 44:6-8). Худо имтиҳони дақиқи онро барпо дошт, то ки мардум айнан донанд, ки оё ин ё он пайғамбар аз Ӯст ё не. Шартҳои имтиҳон содда ва равшан буданд: Дар сурате ки пайғамбар дар он комёб мешуд, ӯ аз Худо буд. Дар сурате ки ӯ дар он ноком мемонд, пас аз Худо ҳам набуд.

5. а. Имтиҳони таъин шуда барои пайғамбаронро дар Такрори шариат 18:18-22 маълум карда, онро кӯтоҳ шарҳ диҳед.

---

---

б. Чӣ тавр шумо дар нури ин матн воситаҳои “дини”-и имрӯзаро баҳо медиҳед?

---

6. Саҳнаи баёншуда дар 1Подшоҳон 23:8-14 пардаеро бар ду ҷиҳати дақиқи дониши Худо дар бораи оянда мекушояд. Инҳоро пайдо кунед (ба қисми муқаддима муроҷиат кунед).

---

7. а. Фикр кунед, бо чӣ тарзҳо Худо азояндае ки шуморо дар пеш аст, огоҳ буда, таҷрибаи гузаштаатонро ба таври муайян барои омода кардани шумо ба ояндаатон истифода мебарад. Ин тарзҳоро номбар кунед.

---

б. Чӣ тавр шумо метавонед ба оянда *омода бошед*?

---

## III. Исо Масеҳ ҳамадон аст

8. Дар Юҳанно 21:17 дар бораи кӣ гуфта шудааст, ки аз ҳама чиз огоҳ аст?

---

9. Ба қайд гиред, чӣ тавр мисолҳои зерини Китоби Муқаддас баёноти Юҳанно 21:17-ро исбот мекунанд

а. Кӣ пурра Худои аз фаҳм боло, Падари моро, мешиносад (Мат. 11:27; 1Қӯр.2:10-13).

---

б. Ҳикояи марди дастхушки шифоёфта дар бораи шинохти Исо аз тамошочиёни ин саҳна чӣ маълумот медиҳад (Луқ. 6:6-11; Ҳизқ. 11:5)?

в. Чӣ тавр мазамматҳои Исо Масеҳ бар муқобили шаҳрҳои Қӯрозин ва Байт-Сайдо, дар Аҳди Ҷадид нишон медоданд, ки Ӯ аз ҳама чиз огоҳ аст (Мат. 11:21-24)?

г. Ба фикри шумо, чӣ тавр Исо дар сӯҳбаташ бо зане дар назди ҷоҳ бо чунин дақиқият дар бораи "шавҳаронаш" гуфта тавонист (Юҳ. 4:16-19)?

д. Юҳанно 6:64 баён мекунад, ки Исо медонист

10. Азбаски Худо тамоми чизҳоро медонад, Навиштаҳо дар бораи Исо Масеҳ чӣ мегӯянд?

## IV. Дониши комили Худо дар бораи шумо

11. а. 1 Воқеънома 28:9 аз дониши Худо дар бораи шумо чӣ мегӯяд?

б. Дар ин ҳафта ин дар чӣ ба шумо дилбардорӣ хоҳад буд?

12. а. Забур 138:13-15-ро хонед ва ном баред ки Худо дар бораи шумо чӣ медонад.

б. Дар бораи Заб. 138:13-15 андеша ронда, гӯед, ки оё ба фикри шумо, вақте ки Худо дар батни модаратон шуморо нақш бастааст Ӯ иштибоҳ карда буд? (Барои ёрӣ ба ҷавоби худ аз тамоми чизе ки дар бораи хислати Худо донистед, истифода баред.)

в. Чӣ тавр ҳақиқати дидани худатон дар нури ин баёнот метавонад бар дидгоҳатон, ки нисбати худ доред таъсир кард?

13. а. Чӣ тавр Забур 55:8 ва 141:3 ошкор мекунанд, ки Худо аз ғаму набардҳои ниҳонии шумо огоҳ аст?

б. Дар нури ин баёнот, дар бораи ғам ё набарде ки ба наздикӣ ба он дучор шудед фикр кунед. Фаҳмиши ин ки Худо аз наздик ба мушкилотатон ғамхорӣ мекунад барои шумо чӣ маъно дорад?

14. а. Ибриён 4:13-ро бо суханони худ бо даргузории номи худ аз нав нависед.

б. Донои ҳама буда, Худо метавонад: (Заб. 89:8; Ирм. 2:22; Ҳуш. 7:2).

---

в. Замоне ки шумо ба ҳақиқати дарёфта дар Румиён 5:8 бовар кардед, ваъдаи Худо барои шумо чист (Заб. 102:10-12; Иш. 43:25)?

---

---

г. Оё Худо инро барои шумо кард? Чӣ тавр шумо инро медонед?

---

---

15. а. Кашфиётеро, ки аз ин дарс кардаед, бо ваъдаи аҷоиби Филиппиён 4:19 алоқа бандед.

---

---

б. Рӯйхати эҳтиёҷоти феълии худро тартиб диҳед.

---

---

в. Бо ёдоварӣ аз ин ки Худо шуморо комилан мешиносад, Филиппиён 4:19-ро дар зери рӯйхати худ қарор диҳед. Ин чӣ маъно дорад?

---

---

## V. Дониши Худо назди як имондор

16. а. Мувофиқи Қӯлассиён 2:2-3, сарчашмаи дониши ҳақиқӣ ва ҳикмати ҳақиқӣ чист?

---

б. Ҳамчун зани масеҳӣ шумо чиро дар ихтиёр доред?

---

---

17. Дар нури ин омӯзиш чӣ тавр шумо фоида бароварда метавонед барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти:

а. Шавҳари шумо?

---

---

б. Фарзандони шумо?

---

---

в. Дӯстони шумо?

---

---

# 7

# *Худо пурҳикмат аст*

*«Исми  Худо аз азал то абад муборак бод, ки ҳикмат ва қудрат аз они Ӯст!*
*... ба ҳакимон ҳикмат ва ба оқилон дониш мебахшад»*

Дониёл 2:20,21

*Дониш,* ҷамъи маълумотест, ки дар ихтиёр доред.

*Ҳикмат* ба кор бурдани ин маълумот аст.

*Ҳикмати Китоби Муқаддас,* омӯзиши дониш ва дуруст ба кор бурдани он дар мавқеи муайян, бо дарназаргирии натиҷаҳои беҳтарин аст.

"Исми Худо аз азал то абад муборак бод, ки ҳикмат ва қудрат аз они Ӯст!" (Дон. 2:20). Худо пурҳикмат аст, яъне Ӯ соҳиби тавоноии номаҳдудест барои дуруст ба кор ниҳодани дониши Худ. Худо некӯст, пас Ӯ фақат чизҳои некро анҷом дода метавонад. Инчунин, амалӣ сохтани донишаш (ҳикматаш) доим чизи беҳтарини имконпазирро ба вуҷуд меоварад.

Ҳар қарори Худои тавонои мутлақ чунон пур аз муҳаббат аст, ки он хуб ва пурҳикматона аст, чунки Худо як хислати Худро барои дигараш қурбон карда наметавонад. Роҳҳои Худо беҳбуд шуда наметавонад, онҳо комиланд, аз файзи дониш, ҳикмат, муҳаббат ва некӯии Ӯ. "Тариқи Худо комил аст" (Заб. 17:31). Худо ҳаргиз хато намекунад. Чӣ ҳимоятест барои касоне ки на бар фаҳми худ, балки танҳо бар ҳикмати Худо такя мекунанд.

Ҳамчун мавҷуди инсонӣ, биниши шумо нисбати воқеаҳои зиндагиятон кам ё беш ба биниши мӯрчае маҳдуд аст. Худо, баръакс, дақиқ медонад, ки ба чӣ дар зиндагии шумо роҳ хоҳад дод. Ӯ биниши ҷамъи шароитро дорад. Ӯ барои шумо роҳнамоии беҳтаринеро интихоб кардааст, то дар шумо ва дар таърих нақшаҳои пур аз муҳаббати Худро ба амал оварад.

Дар бораи тарзе фикр кунед, ки Худои пурҳикмат бо он мардону занони Китоби Муқаддасро дар тамоми гуногунии шароитҳое ки махсус интихоб шуда буданд, ҳидоят мекард, то принсипҳои озодкунандаи имон танҳо ба Ӯро барояшон таълим диҳад. Ҳангоме ки кори Ӯ дар зиндагии онҳо анҷом меёфт, Худо нақшаи Худро ба воситаи ҳамин мардону занон дар таърих амалӣ мекард.

Инчунин Худо ба воситаи воқеаҳои зиндагиямон, ки пурҳикматона ба тараққӣ додани табиати нав ба сурати Худаш

бахшида шудаанд, моро бо диққат роҳбарӣ мекунад. Принсипи Худо барои тараққӣ додани ин табиати нав таълим додани мост, то бо таваккал бар Ӯ ба воқеаҳои ҳаррӯзаи зиндагиямон ҷавоб диҳем. Фикр кунед, ки воқеае ки имрӯз гирифтораш ҳастед, дар ҳикмат ва муҳаббати Худо омода шудааст, то бо имон барояш ҷавоб гардонед.

“Ман туро таълим хоҳам дод ва ба роҳе ки бояд биравӣ, ҳидоят хоҳам кард: туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст… [то шумо] ба сурати Писараш [Исо Масеҳ] монанд шав[ед]” (Заб. 31:8; Рум. 8:29).

Шумо ҳаргиз роҳҳои Худоро ба пуррагӣ нахоҳед фаҳмид, ва ҳаргиз тавон нахоҳед дошт ба ёфтани сабабҳои муайяни корҳои Ӯ, “Зеро ки фикрҳои ман фикрҳои шумо нест, ва роҳҳои шумо роҳҳои Ман нест, – мегӯяд Худо” (Иш. 55:8). Аммо шумо метавонед бо қароре ки дар асоси хислати пурҳикматонаи Худо бо имон гирифтаед, ба саргузашти ҳодисаҳо ва таври “ҳис кардани” инҳо аҳамият надода *донед*, ки роҳҳои Ӯ комиланд. “Ва кӯронро бо роҳе ки намедонанд, хоҳам бурд; онҳоро бо тариқҳое ки баланд нестанд, ҳидоят хоҳам намуд; торикиро пеши онҳо ба рӯшноӣ, ва каҷукилебиҳоро ба роҳи рост табдил хоҳам дод” (Иш. 42:16).

## I. Хислати кашфшуда

1. а. Фарқ байни касе ки соҳиби дониш аст ва соҳиби ҳикмат аст дар чист?

______________________________________________

______________________________________________

б. Оё, ба фикри шумо, дониш дар худ охир дорад? Чаро?

______________________________________________

______________________________________________

в. Оё шумо соҳиби дониши беохир шуда метавонед? Инро фаҳмонед.

______________________________________________

______________________________________________

2. Он чиро ки Навиштаҳо дар Ишаъё 28:29, Дониёл 2:20-22 ва Румиён 16:27 дар бораи Худо эълон мекунанд, кашф кунед.

3. а. Бар ин баёнот асос ёфта, шуморо дар ҳар воқеа назди кӣ аввал лозим аст, ки маслиҳат ҷӯед?

б. Оё ин одати зиндагии шумост?

4. Оё барои Худо мумкин аст, ки дар зиндагии шумо бо ҳикмат амал карда, дигар хислатҳояшро ба канор гузорад? Чаро дар хотир доштани ин барои шумо муҳим аст?

5. Шарҳиёти гуногунеро, ки дар Яъқуб 3:17 барои баён кардани ҳикмати Худо оварда шудааст, бинависед.

6. Ба фикри шумо ваъдаи Худо дар Забур 31:8 бар чӣ такя мекунад?

## II. Тасвири маслиҳатҳои пурҳикматонаи Худо дар Китоби Муқаддас

7. 2Вақоеънома 20:1-13-ро мутолиа кунед.

а. Мушкилеро, ки мардони Худо ба он рӯ ба рӯ мешаванд, кӯтоҳ баён кунед.

______________________________________________

______________________________________________

б. Аввалин ҷавоби подшоҳ (ва албатта аз халқ низ) дар ин воқеаи мушкил чӣ буд?

______________________________________________

______________________________________________

в. Аввалин қадами муайяни подшоҳ барои ҳал кардани ин мушкилӣ чӣ буд? Оё дар байни мушкилот аввалин қадами шумо низ чунин аст?

______________________________________________

______________________________________________

г. Дар нури порчаҳои зерин (Мас. 1:7; Иш. 26:3-4; 31:1-3), ба фикри шумо чаро ин беҳтарин қароре буд, ки аз дасташон омад?

______________________________________________

______________________________________________

д. Дар оғози дуои Еҳушофот ба Худо подшоҳ кадом ҳақиқатҳоро дар бораи Худо ба халқи худ ва ба Худи Худо ёдовар мешавад?

______________________________________________

______________________________________________

е. Вақте ки шумо масъалаи мушкилро дар дуо пеши Худованд мегузоред, чаро ба фикри шумо Ӯро сано гуфтан хуб аст?

ж. Кадом ибораҳои дуои подшоҳ шуморо ба фикри он меорад, ки дилаш:

1) пеши Худованд фурӯтан буд?

2) ба Худованд вобастагӣ дошт?

8. 2Вақоеънома 20:13-30-ро хонда бароед.

а. Худо ба халқ кадом маслиҳати муайянеро ба воситаи суханрасони худ, Еҳӯоҳоз додааст?

б. Оё шумо фикр мекунед, ки ин маслиҳат зоҳиран нақшаи аҷоиби ҷанг дар назари мардум метобид (нигаред бар Иш. 55:8)? Шарҳ диҳед.

в. Мувофиқи ин порча набард аз они кист?

г. Оё маслиҳати Худо ба амал оварда шуд? Натиҷаи он чӣ гуна буд?

д. Таваккале ки бар Худо гузошта шуд, бар кишварҳои давру пеши Ерусалим чӣ таъсир расонд?

---

9. Аз ин тасвир Рӯҳулқудс ба шумо чӣ дарсеро ёд дод ва чӣ шуморо водор месозад, то маслиҳатҳои пурҳикмати Худоро пайравӣ кунед?

---

---

---

---

---

## III. Кашф кардани ҳикмати Худо нисбати худи шумо

10. а. Сарчашмаи ҳикмат дар куҷост (Қӯл. 2:2-3)?

---

б. Дар нури Қӯлассиён 2:2-3 ва 1Ваҷоеъномa 2:14-16, ба фикри шумо оё мумкин аст касе ки нисбати Исо Масеҳ беэътиноӣ мекунад дар ҳақиқат пурҳикмат бошад?

---

11. а. Ҳамчун зане ки Исо Масеҳро чун наҷотдиҳандаи худ қабул мекунад, дар 1Қӯринтиён 2:16 ва Яъқуб 1:5 бароятон чӣ ҳақиқати аҷоиб ва амалӣ оварда шудааст?

---

---

б. Яъқуб 1:5 ба ҳақиқат дар бораи он ки шумо ҳикмат меёбед, чӣ шарти пешакие мегузорад?

---

---

в. Омӯзиши Каломи Худо дар чӣ метавонад шуморо ба қабули ҳикмати Худо омода созад? (шарҳи “ҳикматро” дар фасли муқаддимавӣ бори дигар дида бароед).

---

12. Зане аз Масалҳо 31:10:31 ҳамчун гӯяндаи боҳикмат шарҳ дода шудааст (нигаред ба ояти 26).

а. Ба назари шумо ин шарҳ чӣ маъно дорад? Чаро?

б. Аз тарзи истифодаи дониши Худо дар воқеаи муайян мисол оваред. Натиҷаи он чӣ гуна буд?

13. а. Донишу ҳикмати Худо аз они кистанд (Так. ш. 29:28)? (Унвони “мо” дар ин оят дар маънои васеъ, нисбати касоне ки ба Исо Масеҳ имон доранд, дода мешавад.)

б. Мо хоҳиш дорем ки фарзандонамон соҳиби ҳикмат шаванд. Дар нури ин хоҳиш Такрори шариат 29:28 ва 6:6-9 дар робита бо фарзандонамон чӣ мегӯяд?

## IV. Оқибати ҳикмати Худо дар зиндагии як зан

14. Мувофиқи Масалҳо 1:20-32, ҳангоме ки шумо аз донишу ҳикмати Худо дур мешавед, оқибатҳо чӣ гуна мешаванд?

15. Ҳангоме ки шумо ба ҳикмати Худо ҷавоб мегардонед, дар зиндагии шумо чӣ рӯй медиҳад (Мас. 1:33, дар хилоф бо Мас. 1:20-32)?

16. а. Мувофиқи Масалҳо 4:6-12 он чиро, ки ҳамроҳ бо нумӯи ҳикмат дар зиндагии шумо хоҳад буд, ном баред.

б. Ин “оқибатҳо” чӣ тавр таъсир карда метавонанд бар:

1) зиндагии шахсии шумо?

2) издивоҷи шумо?

## V. Тамоми ҳикмат нигоҳдошташуда барои Худо

17. Оё барои мо мумкин аст, ки дар ин зиндагии заминӣ дар бораи Худо ва роҳҳои Ӯ ҳамаро фаҳмем? Чаро? (нигаред ба 1Қӯр. 13:9; Так. ш. 29:28; Иш. 55:8).

18. Имондорон сабабҳои воқеъ шудани чизҳоро дар зиндагии худ на доим хоҳанд донист. Аммо ҳамчун имон ба Исо Масеҳ дошта, шумо аз чӣ метавонед дилпур бошед?

# 8

# *Худо ломакон* аст*

*«Аз Рӯҳи Ту куҷо равам?*
*Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам?»*

Забур 138:7

* ҳозир дар ҳама ҷо

Дар худи ҳамин лаҳза шумо бо ҳузури Худо фаро гирирфта шудаед. Вақте ки шумо савори мошин шуда ба мағоза меравед ё ки ба корхона меоед, шумо доим дар ҳузури Худоед, чунки Ӯ ҳозир дар ҳама ҷост. Шумо ҷоеро нахоҳед ёфт, ки Худо дар он набошад (Заб. 138:7-12). Ҳузури Ӯ ҳузури як қисми Ӯ нест, чунки Худо бар тамоми олам мисли маъдани рӯи замин тақсим, пароканда ва бод нашудааст. Ӯ як бузургҷуссаи азиме ҳам нест, ки бо як қисми худ дар ин ҷо, бо қисми дигараш дар ҷои дигар, ва бо сеюмин дар ҷои тамоман дигар ҳузур дошта бошад. Худо тақсим нашудааст, Ӯ якест! Он чӣ Худо ҳаст, дар ҳама ҷо якбора дар пуррагӣ ҳузур дорад. Ҳар ҷо ки равем, мо бо ҳузури Худо фаро гирифта шудаем. Мо, дар ҳангоми лаҳзаҳои душвор ва чи дар лаҳзаҳои бештар "рӯҳонӣ" қарор дошта бошем, доим дар ҳузураш мебошем.

Калимаи *ҳузур* дар забони аслӣ таҳтуллафзан ба маънои "рӯй" (дар фарҳанги тоҷикӣ ба маънои зуҳур низ) мебошад. Фарзияи ҳузур, яъне дидан ба чашми касе, рӯ ба рӯи ӯ шудан аст. Забур 138:7-и ҳозир будани Худоро дар ҳама ҷо чунон шарҳ медиҳад: "Аз Рӯҳи Ту куҷо равам? Ва аз ҳузури Ту куҷо гурезам?" Ба суханони дигар, Худо дар тамоми пуррагияш пайваста ба сӯи шумо, рӯ ба рӯи шумо нигоҳ мекунад. "…ман ин ҷо баъд аз бинандаи ман бидидам" (Ҳас. 16:13). Дар он чӣ Ӯ ваъда медиҳад, чизи қобили тааҷҷуб нест: "…туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст" (Заб. 31:8).

Исо гуфт: "Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт" (Ибр. 13:5). Ва "Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам" (Мат. 28:20). Чӣ тавр Ӯ метавонист шуморо партояд? Табиати амиқи Худо ҳамеша ҳозир будан аст! Инро бо имон (ва на зӯран бо эҳсосот) фаҳм кардан дилпур ва оромибахш аст. Худо аз боди нафас, аз зичии мижжа ва нохун наздиктар аст. Ва барои як зани масеҳӣ ин ба маъноест, ки Худо, ба таври беназир, бо Рӯҳулқудс, айнан дар вай зиндагӣ мекунад.

Худо фазоро бо тамоми вуҷуди Худ пур мекунад: "Оё замин ва осмонҳоро Ман пур намекунам?" (Ирм. 23:24). "Фазо" фикрҳоямонро мутаассир мекунад. Масалан, агар шумо ҳоло дар хонаатон мебошед, мо медонем, ки шумо ҳам дар мағоза нестед. Аммо маҳдудиятҳои фазоӣ ҳеҷ гуна бар Худо таъсир намегузоранд, чунки Ӯ Рӯҳ аст (Юҳ. 4:24). Худо берун аз фазо низ ҳузур дошта, бо он маҳдуд нест. "Охир,

осмон ва фалакулафлок наметавонад Туро гунҷоиш диҳад” (3Подш. 8:27). Фазо ва коинот дастгири Ӯ нестанд (чунон ки бадани мо, ҳангоме ки бар рӯи замин зиндаем, мисли тифл дар батни модар, нигоҳдорандаи рӯҳи мо мебошад). Ин ҷо тамоман баръакс аст; “фазо” дар Худо нигоҳ дошта шудааст: “…мо дар Ӯ зиндагӣ ва ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем” (Аъм. 17:28). “…ҳама чиз дар Ӯ вуҷуд дорад” (Қӯл. 1:17).

Ин ҳақиқати ҳисшавандаро ба фарзияи муҳаббати Худо дар зиндагии ҳаррӯзаи имондор нисбат дода Павлус гуфт:

“*Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад?*
*Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар,*
*ё шамшер?... Зеро ман мӯътақидам, ки*
*на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қувваҳо,*
*на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар*
*моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исо Масеҳ аст,*
*ҷудо карда наметавонад*”
(Румиён 8:35, 38-39)

Чӣ амниятест! Ин ҳақиқат дар бораи дар ҳама ҷо ҳозир будани Худо чӣ сарчашмаи рӯҳбаландист. Шумо, ҳамчун имондор, дар ҳар ҷо як роҳнамо, як муҳофиз, як падар, як дӯст, як ёрдами тайёр ва босамареро доред, ки доим дар ихтиёри шумост. Худо роҳнамои доим тайёри шумост: ”…туро насиҳат хоҳам дод; чашмам бар туст. Дар он ҷо низ дасти Ту маро ҳидоят хоҳад намуд, ва ямини Ту маро дастгирӣ хоҳад кард” (Заб. 31:8; 138:10).

Ҳақиқатеро ки Худо доим бо мост, дарк карда, шумо дигар аз торикиҳо ва аз шароит тарсе нахоҳед дошт. Таронасаро мегӯяд: “Албатта торикӣ маро ниҳон хоҳад кард”. Аммо ломакон будани Худоро ба ёд оварда, Ӯ бо шодӣ эълон мекунад: “Аммо торикӣ низ аз Ту пинҳон нахоҳад кард” (Заб. 138:11,12).

Таронасаро хулоса мекунад: “Камоли шодиҳо дар ҳузури Туст” (Заб. 15:11). Моро барои пур шудан аз шодӣ имконоте ҳаст, чунки мо доим дар ҳузури Худо қарор дорем. Оё мо метавонем бо имон фаҳм кунем, ки Худо доим ҳозир аст?

# I. Навиштаҳо дар ҳама чо ҳозир будани Худоро таълим медиҳанд

1. Ҳақиқати аҷоиби ин ки мо пайваста дар ҳузури Худо мемонем, ба тарзҳои гуногун дар Китоби Муқаддас нишон дода шудааст. Чи тавр ҳар яке аз ин оёт доим ҳозир будани Худоро маълум мекунад?

а. 3Подшоҳон 8:27

---

б. Забур 138:7-10

---

в. Аъмол 17:27-28

---

2. Ба назари шумо "осмон ва фалакулафлок наметавонад Туро гунҷоиш диҳад" (3Подш. 8:27) чӣ маъно дорад?

---

---

---

3. Маънои таҳтуллафзии калимаи *ҳузур* _________________ (нигар ба фасли муқаддимавӣ) мебошад. Чӣ тавр ин маънои калима ёрӣ медиҳад, то ҳангоме ки дар ҳодисаи ташвишнок қарор дорем, ҳузури ҳамаҷои Худоро фаҳм кунем?

---

---

3. а. Бар ломакон будани Худо асос ёфта, таронасаро дар бораи зиндагии ҳаррӯзаи худ чӣ баён карда тавонист (Заб. 138:5-6)?

---

---

б. Ҳадди ақал рӯзе як дафъа дар ин ҳафта дар бораи ин баёнот фикр кунед.

4. Кадом кори ғайримумкинро Юнус фикр мекард, ки анҷом метавонад дод (Юн. 1:1-3)? Бо Забур 138:7-10 муқоиса кунед.

5. Ҳодисоти зиндагии мо бисёр вақт ҳақиқатҳои дар бораи Худоро ба мо таълим медиҳанд. Охир Юнус дар бораи Худо чиро фаҳмид ва ин фаҳмиш барояш чиро арзид (Юн. 1:4-7; 2:1-9)?

6. а. Дар лаҳзае "ки ҷонам дар ман аз ҳол мерафт", Юнус чиро баён мекунад, ки охир ба ёдаш омада буд (Юн. 2:8)?

б. Ҷавоби Худо ба дуои Юнус чӣ тавр буд (Юн. 2:11)?

7. Аъмол 17:28-ро бо суханони худ, бо гузоштани номи худ дар он аз сар нависед.

8. а. Чӣ тавр порчаҳои зерин барои тасвир додани беканории Қодири мутлақ нақши Ӯро *кашида медиҳанд*?

1) Иш. 40:12; 15, 22

2) Иш. 66:1

б. Ба назари шумо, чаро нависандаи Китоби Муқаддас чунин як сурати Худоро истифода бурд?

___

___

в. Баръакси шакли одамӣ, Худо дар ҳақиқат ____________ аст (Юҳ. 4:24).

## II. Ҳама ҷо ҳозир будани Худо ки дар як лаҳза назарнамоён мегардад

9. а. Мувофиқи нақли Дониёл 3:1-15, аз яҳудиён Шадрак, Мешак ва Абднаҷу чӣ талаб карда мешуд?

___

___

б. Худо дар Каломаш чиро фармуда буд, ки ба се ҷавонмард шинохтани иродаи Ӯро дар ин бора мумкин сохт (Так. ш. 5:7-9)?

___

___

10. Ҷавоби ин ҷавонмардон дар ин воқеаи душвор чӣ гуна буд, ва, ба назари шумо, ин қарорашон бар чӣ асос шуда буд (Дон. 3:16-18)?

___

___

11. Ин порча дар бораи дониши ин мардон аз Худо, ки барояшон фурсати дар Ӯ қарор додани имони муайянро додааст, чиро мекушояд (Дон. 3:16-18)?

___

___

13. Оқибати бевоситаи муқобилати худотарсии онҳоро (Дон. 3:19-23) баён кунед, ки Худо барои ҷалол додани номи Худ ба он роҳ додааст.

___

14. а. Ҳодисоти мӯъҷизаосоеро, ки дар пеши чашми Набукаднесар рӯй додаанд, нақл кунед (Дон. 3:24-25).

б. Оё одатан ҳузури Худо ба дидаи одамизод маълум мебошад (1Тим. 1:17)?

в. Бо асос бар 1Тимотиюс 1:17 дар ҳодисоти кӯраи сӯзон чӣ чизи фавқулоддае буд (Дон. 3:26-30)?

15. а. Се ҷиҳати ҷалоли охиринро номбар кунед, ки аз муқобилати ин ҷавонмардон баромад, азбаски инҳо дар нури Каломи Худо қарори худро карда буданд (Дон. 3:26).

б. Таври мисол як лаҳзаеро биёред, ки шумо дар он қарор карда будед, то дастуроти муайяни Худоро пайравӣ кунед, ва натиҷаи ҳамонлаҳзаии он манфӣ ба назар расида буд, аммо дертар шумо фаҳмидед, ки аз тариқи дар ҳамон лаҳза ҳузур доштани Худо бо шумо баракат ёфтед.

## III. Шаҳодати Павлус

16. а. Ҳодисаи Аҳди Қадимро ки дар Дониёл 3 ёфт мешавад, бо шаҳодати Павлус дар 2Тимотиюс 4:16-18 муқоиса намоед.

б. Чӣ тавр ин ду ҳикоя эътимоднокии ваъдаи Исоро дар Матто 28:20 тасвир менамоянд?

---

---

в. Ин ваъдаро бо як мушкилии зиндагии худ алоқаманд созед.

---

---

## IV. Зистани ҳузури Худо

17. а. Саъй кунед, ки ба як ё чандин фарзанди худ ба таври барояшон фаҳмо гӯед, ки Худо доим ҳозир аст. (Дар сурате ки фарзанд надошта бошед, бо фарзандони дӯстонатон чунин карда бинед.) Ҷавоби онҳо чӣ гуна аст?

---

---

б. Чаро ба фикри шумо барои кӯдак фаҳмидани ин ки Худо доим бо ӯст, аҳамият дорад?

---

---

18. Чӣ тавр шумо ин дониши нав дар бораи ҳама ҷо ҳозир будани Худоро дақиқ дар зиндагии худ ба кор бурда метавонистед? (Ба ёд доред, ки имон ба Худо бар *фактҳо* дар бораи Худо асос меёбад, вале на бар *ҳиссиёти* шумо.)

---

---

---

19. Забур 138:5-7-ро аз ёд кунед, то дар бораи ломакон будани Худо андеша намоед.

9

# *Худо ивазнашаванда аст*

*«Зеро Ман, ки Худо ҳастам, тағйир наёфтаам»*

Малокӣ 3:6

“Ёрӣ диҳед! Дунёро нигоҳ доред! Ман фуромадан мехоҳам! Ҳама чиз бисёр зуд тағйир меёбад, ман ниёз дорам, ки нишонаҳоямро ёфта гирам”.

Амнияти зиндагии шумо бар чорчӯбаи оила барқарор буд, ва акнун кӯчидани оила шуморо ба муҳити тамоман бегона андохт. Ёрӣ диҳед! Амнияти шумо бар шакли орому ботартиби зиндагӣ роҳат меёфт, ва акнун ҳамааш ба шӯр омад, тағйир ёфт ва тартибашро аз даст дод. Ёрӣ диҳед! Амнияти шумо бар дӯсте барқарор буд, вале акнун ӯ аз пешатон рафт. Ёрӣ диҳед!

Дар олами доиман тағйирёбанда мо чӣ тавр устуворӣ ёфтан метавонем? Вақте ки ҳамааш ҳамчун алафи пажмурдашаванда ба назар мерасад, сӯи кӣ давр хӯрем? *Амнияти* ҳақиқӣ дар куҷост?

“*Зеро Ман, ки Худои ҷовид ҳастам, тағйир наёфтам*”
(Мал. 3:6)

“Аммо ҳамааш бояд тағйир ёбад”, – исрор мекунем мо. Растаниҳо мешукуфанд, гул мекунанд, пажмурда мешаванд, кирмакҳои бадвахм шабпаракҳои аҷоиб мегарданд ва охир бо бол задан тамом мекунанд, теппаҳо об мешаванд, сомонҳои нави дурахшандаро занг мезанад, либосҳои нав бо мурури замон кӯҳна мешаванд, хонаҳо вайрон мешаванд, тифлони ширхӯр калон мешаванд, бачаҳо ҷавон мешаванд, ҷавонон болиғ мешаванд, болиғон пир мешаванд, маликаҳои зебой нуқсон пайдо мекунанд.

“Ман, ки Худои ҷовид ҳастам, тағйир наёфтам”. Чунон ба назар мерасад, ки ҳама чиз дар олами мо пайваста тағйир меёбад. Ҳамзамон, ҳатто дар ин матни пур аз тағйирот, таваҷҷӯҳи бештар бар мухолифат байни дунёи тағйирёбанда ва Офаридагори побарҷои он ҷалб карда мешавад. Чуноне ки тағйирот ё ҳаяҷони давомноки мавҷҳо, ки бар сахраи азим дарҳам хӯрда, ба мо имкон медиҳад, то ҳанӯз бо пуррагии бештар устувории ин сахраро арҷманд дорем, инчунин тағйирот амниятеро ба миён меоварад, ки метавон онро бар рӯи ин сахраи побарҷо, ки он Худои мост, дарёфт намуд. Аз тағйирот гузашта, мо ёд мегирем то Ҳамонеро ки ивазнашаванда аст, қадрдонӣ намоем.

Худои Навиштаҳо пешрафт намекунад, тараққӣ намеёбад, бузург намешавад ва бештар ё бадтар намешавад, чунки Ӯ ҳамеша афзалияти комил буд, "дирӯз ва имрӯз ва то абад айни ҳамон аст" (Ибр. 13:8). Ба ҳамин сурат Худо метавонад номашро чунин эълон намояд: "Ман Воҷибулвуҷуд* ҳастам" (Хур. 3:14).

"Тамоми чизе ки Ӯ имрӯз ҳаст, Ӯ доим ҳамон буд ва ҳамеша ҳамон хоҳад буд. Худо доим дар ҳама чиз комил буд, сипас ҳанӯз бештар наметавон буд" (А.В. Пинк).

Амнияти давомнок ва ҳақиқии мо фақат бар Худо ва роҳҳои Ӯ роҳат меёбад, чунки фақат Ӯ ягонае ҳаст, ки тағйир хӯрда наметавонад. Падари дӯстдор ва ивазнашавандаи мо ба мо маслиҳат медиҳад, ки "ба мирон, ба фарзанди одам, ки дар вай наҷоте нест" (Заб. 145:3) таваккал накунем, чунки инсон "хурӯшон мисли об" (Ҳас. 49:4) аст. Танҳо Худо шоистаи таваккали мост, чунки чизе нест, ки бар Ӯ таъсир карда метавонист ва на чизе ки метавонист Ӯро аз табиати некӯи комили Ӯ рӯйгардон мекард. Худо ягона мавзӯи ҳақиқии мустаҳками имон барои инсон аст. Ҳар чизи дигар ба даври мо тағйир ёфта метавонад, аммо чун занони масеҳӣ, мо дар амният сокин буда, ёдовар шавем, ки дар Ҳамон ки тағйир намеёбад, "мо зиндагӣ ва ҳаракат мекунем ва вуҷуд дорем" (Аъм. 17:28).

Агарчи муносибатҳои дӯстони мо ё шавҳарамон нисбати мо тағйир ҳам мехӯрд, муносибати Худо нисбати мо ҳамон аст, ки ҳангоми аз муҳаббат барои мо мурданаш буд. Моро ҳоҷате барои ғамхӯрӣ нест, то донем, ки Худо баъд аз ин ки Ӯро "аз назарамон андохта" хоксорона наздаш меоем, моро қабул мекунад ё не. Худо ҷустухези кайфият надорад, ва Ӯ меҳрашро гум намекунад: "Бо муҳаббати азалӣ туро дӯст доштам" (Ирм. 31:3). Дониши ин ки муҳаббати Ӯ ҳаргиз тайир намеёбад, чӣ амниятест!

Хислати ивазнашаванда будани Худо бар тамоми хислатҳои дигари Худо таъсир мекунад; чизе дар Худо тағйир ёфта наметавонад. Аз файзи ҳикмати Худ Худо ҳамеша соҳиби дониши тамоми чизҳо ва тавони истифодаи комили дониши Худ дар тамоми

* Воҷибулвуҷуд: ман ҳамонам ки ҳастем

ҷиҳатҳои ҷалбшуда хоҳад буд. Илова бар он, тавони ба амал овардани қарорҳои одилонаи Ӯ ҳаргиз кам нахоҳад шуд. Худо ҳаргиз дар мавриди ҳеҷ чиз тағйири назар намекунад*.

Имкон надорад ки чизи наве пайдо шуда, тавре кунад, ки Худо бар суханаш вафодор намонад. Сипас Навиштаҳо баён мекунанд: "Каломи Ту, эй Худо, то абад аст; дар осмонҳо қоим аст" (Заб. 118:89). "Машварати Худо қоим аст то абад, андешаҳои дили Ӯ то абадуддаҳр" (Заб. 32:11). Тавре ки Худо тағйир ёфтан наметавонад, нақшаҳо ва ваъдаҳои Ӯ, ки маълум аст бояд ба амал оянд, низ тағйир наметавонанд ёфт. Ӯ бояд комилан вафодор монад ба ваъдаҳои мисли ин: "Бачаро ба роҳе ки бар он бояд равад*, тарбият намо; пир шавад ҳам, аз он дур намешавад" (Мас. 22:6).

"Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Он (Исо Масеҳ), ки маро қувват мебахшад" (Фил. 4:13). Чӣ амниятест! Ва ҳангоме ки мо амнияти худро дар Ӯ дарк мекунем, мо озодем, то бо пайравӣ аз дастуроташ, чи суст ва чи қавӣ бошанд, барои шавҳари худ ёрие шавем. Амниятро дар Масеҳ фаҳмида гирифта, мо озодем, то пеши фарзандонамон худро хурд сохта ба рафъи эҳтиёҷоташон расем. (Модаре ки фарзандаш аз вай дилпур набошад, моил аст ки, аз тарси рад шудан ё ситезае ки аз ӯҳдаи бартараф карданаш набарояд ё ҳанӯз бо муҳаббати худпарастона, ки ҷӯёи қароргириҳои зуд барои ором сохтани кӯдак мебошад, ба талаботи фарзандонаш мутеъ шавад.) Мо кӯшиш мекунем, ки модарон ва ҳамсарони муттаҳид бошем, ва Навиштаҳо модар ва ҳамсари масеҳиро бо гуфтани ин ки вай дар Худои ивазнашаванда зиндагӣ мекунад, ки "дар Ӯ тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест" (Яъқ. 1:17) (ва Ӯ дар вай) шавқманд месозанд. Худои ивазнашавандаи худро нигоҳ кунед ва амнияти ҳақиқиеро, ки сӯи оромӣ мебарад дарк намоед!

Ҳар рӯз вақти омӯзиши худро ба Худованд супоред, чун Ӯ сахт мехоҳад, ки шумо Каломашро фаҳмед, то соҳиби зиндагии фаровон

---

* Дар ҷойҳои зиёди навиштаҳо (Ҳас. 6:6; ва Юнус 3:9,10) гуфта шудааст, ки "Худо пушаймон шуд". Ин як ибораи инсонист, ки маъноящро аз ҳақиқате мегирад, ки Худо ба таври ивазнашаванда ва мантиқӣ нисбати одамизод дар робита бо гуноҳ амал мекунад. Азбаски мардум тавба намекунанд Худо бояд ҳукмномаеро бароварад; вақте ки инҳо тавба мекунанд, тавре ки сокинони Нинве кардаанд, Худо бояд бо марҳамат амал кунад. Дар ҳузури Худ Худо аллакай медонист, ки чунин мешавад, пас Ӯро ҷои тааҷҷуб нест, гӯё ки Ӯ аз суханонаш пас гашта бошад. Қайд кунед, ки дар Ибриён барои тарҷумаи "пушаймонӣ" ду калима истифода бурда шудаанд: яке таҳтуллафҳан ба маънои "пас гаштан, тағйири роҳи рафт" аст, ва дигаре ба маънои "ғамгин, афсӯс хӯрдан" аст.

бошед. Акнун андеша намуда аз Худо дархост намоед, то Рӯҳулқудс шуморо роҳнамоӣ ва таълим диҳад.

## I. Худо тағйирнопазир аст

Аз дасти тағйироти фавқулодда, ки ба назар ин қарнро шарҳ медиҳанд, дар ин рӯзҳои мо беамниятии калон мавҷуд аст. Китоби Муқаддас бо эълони ин ки Худо доим ҳамон аст (!) ин масъалаи душворро дар бар мекунад.

1. Барои чӣ баёноти аҷоиби Малокӣ 3:6 ҳангоми замонҳои сахт ва ё ташвиши *дарунӣ* мустаҳкам аст?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

2. а. Вақте ки Худо баён кард, ки номаш ____________________ аст (Хур. 3:14), Ӯ чиро ба ивази "Ман будам" ва ё "Ман хоҳам буд" дар бораи Шахсияташ ошкор кард?

______________________________________________

б. Акнун Хуруҷ 3:14-ро бо Юҳанно 8:58 муқоиса кунед. Кӣ гап мезанад ва дар Юҳанно 8:58 чӣ ошкор шудааст?

______________________________________________

3. Бар Ибриён 13:8 асос ёфта ба саволи зерин ҷавоб диҳед: Оё Исо Масеҳ дар ин лаҳза шуморо ҳамон тавре ки дар вақти ҷон додан барои шумо буд, дӯст медорад? Шарҳ диҳед.

______________________________________________

______________________________________________

4. Худо танҳо номиранда аст, чунки Ӯ доим буд ва ҳамеша мебошад; Ӯ тағйир намеёбад (1Тим. 6:16). Инчунин, танҳо Худо ба инсонон "атое"-ро бахшида метавонад. Он кадом аст (2Тим. 1:10)? Оё шумо имрӯз соҳиби ин ато мебошед?

______________________________________________

______________________________________________

5. Бисёр вақт нависандагони Аҳди Қадим ба Худо ҳамчун сахра муроҷиат мекунанд. Як лаҳза дар бораи сахра, онро дар зеҳнатон тасвир карда, андеша намоед. Рӯйхати сабабҳоеро тартиб диҳед, ки метавонистанд ба истифодаи сурати сахра барои тасвир додани Худои нонамоён оварда расонанд.

6. Яъқуб 1:17-ро диққат дода, ва оятро ба ҳаёти худ шахсан истифода бурда, онро бо суханони худ аз нав нависонед.

## II. Оқибатҳои табиати тағйирнопазири Худо

7. а. Азбаски Худо тағйир намеёбад, чӣ бояд дуруст мебуд (Ад. 23:19; Иш. 46:10)?

б. Муайян кунед, ки ин ваъдаҳо дар зиндагии шумо чӣ аҳамият доранд?

8. а. Ҳақиқатҳоеро, ки дар бораи Каломи Худо маълум кардан мумкин аст, ба воситаи оёти зерин номбар кунед:

Забур 32:11

Забур 118:89,152

Ишаъё 40:6-8

Матто 5:17-18

б. Он чиро, ки дар ин оёт кашф кардаед, кӯтоҳ ҷамъбаст намоед.

в. Дар нури ин, муносибати шумо нисбат ба Каломи Худо чӣ гуна бояд бошад?

9. Дар қафои Забур 32:11 кадом принсипи асосгузорест? Вақте ки машварати Худо аз маслиҳатҳои дунё фарқ мекунад, чӣ тавр шумо онро ба кор мебаред (масалан, барои издивоҷ, тарбияи фарзандон, таҷрибаҳои шахсӣ, тартиби калисоӣ ва ғайра)?

10. а. Азбаски Худо тағйир намеёбад, чӣ то абад давом дорад (Заб. 99:5)?

б. Вақте ки мо аз худ савол мекунем: "Оё имрӯз баъд аз он чи ман кардаам, Худо маро ҳанӯз ҳам дӯст медорад?", пас дар бораи Худо чӣ метавон гуфт? Мо чиро фаромӯш кардем?

11. Чӣ, бар муқобили замин, то абад давом медиҳад, тавре ки он дар Ишаъё 51:6 гуфта шудааст?

12. Чӣ тавр хислати тағйирнопазирии Худо бар сифоти дигари Ӯ таъсир кардааст? Тавоноии томи Худоро дар асоси ҷавобҳои худ қарор диҳед.

---

---

## III. Мисоли Китоби Муқаддас аз табиати тағйирнопазири Худо

Азбаски Худо тағйирнопазир аст, Ӯ бояд доим бар ваъдаҳояш вафодор монад. Саргузашти Иброҳим ва Соро, ҳамчун падару модар, ин ҳақиқатро хуб тасвир медиҳад.

13. а. Тибқи Ҳастӣ 11:29-30, Абром (дертар Худо номашро ба Иброҳим табдил медиҳад) _________ ро ба занӣ мегирад, аммо вай __________ аст.

б. Бо вуҷуди ин ваъдаи Худо барои Абром чӣ буд (Ҳас. 12:1-3)? Дар вазъияти Абром ва Сорай ин ваъда чиро ба амал меорад?

---

---

в. Чӣ тавр ваъдаи Худо дар Ҳастӣ 13:14-16 васеътар карда шудааст, ва чӣ дар робита бо ҷуфти заношӯй равшантар мегардад?

---

---

## IV. Инсон мубориза менамояд, то ин ки таваккалашро бар Худо бо рафтори мувофиқи имон, вале на мувофиқи дидор, нигоҳ дорад

14. Ҳастӣ 15:1-6-ро мутолиа кунед.

а. Модоме ки Абром бо Худо сӯҳбат дошт, муборизаи ӯ чӣ гуна буд?

---

б. Оё шумо метавонед муборизаеро, ки алъон бо ваъдаи додашудаи Худо доред, ном бурда, худро ба Абром баробар созед?

---

---

в. Чи тавр Худо Абромро рӯҳбаланд месозад?

---

г. Ҷавоби Абромро баён диҳед.

---

д. Ҷавоби ҳозираи *шумо* ба ваъдае ки Худо онро ба шумо додааст, чист? Он бояд чӣ бошад (Ибр. 11:6)?

---

---

е. Оё вақте ки Абром бовар кард, метавонист бинад, ки дуои ӯ дарров ҷавоб гирифтааст?

---

15. а. Азбаски маълум нашуд, ки Худо дарҳол ба ёриаш *омад*, Сорай воситаҳои *ёрӣ додан* ба Худоро бо Абром мавриди мусоҳиба қарор дод. Ин ҷуфти заношӯй бо истифодаи методҳои даврони худ вазъиятро ба дасти худ гирифтанд. Таҷрибаи паҳншуда дар он замон, ва бадиеро ки аз истифодаи ин метод ба миён омад, шарҳ диҳед (Ҳас. 16:1-6).

---

---

б. Гарчанде роҳҳои дунёвӣ, ки бар муқобили машварати Худо меравaнд, бисёр вақт осонтар ё ягона имкони ҳалли масъала ба назар мерасида бошанд ҳам, доим дар бадбахтӣ хотима меёбанд. Мисол биёред, чӣ гуна шумо боре кӯшиши *ёрӣ додан* ба Худо намудед, ва ноумедӣ аз он ҳосил шуд.

---

---

16. Худо мунтазири он буд, ки Абром ва Сорай кӯшиши худро ба харҷ диҳанд, ва сипас ваъдаашро аз нав дода, онро дар Ҳастӣ 17:1-8 васеътар гардонд. Шарҳ диҳед, чӣ тавр Худо ин дафъа барои иҷрои ваъдааш бисёр дақиқ буд (Ҳас. 17:21)?

---

---

17. а. Ҳастӣ 18:1-15-ро хонда бароед. Худро дар ҷои Соро гузошта, он чиро ки дар ин порча рӯй медиҳад, нақл намоед.

---

б. Оё ҳолати ҷисми Соро барои Худо бар иҷрои ваъда таъсир дошт (Ҳас. 21:1-3)?

---

в. Шумо кадом сабабҳоеро ки ба гумонатон дар анҷоми ваъдае ки Худо ба шумо дода буд, монеъ мешуд, беихтиёрона барпо доштед?

---

---

г. Вақте ки шумо табиати Худоро мушоҳида мекунед, далелҳои шумо доим қоим мемонанд?

---

---

## V. Маънои табиати тағйирнопазири Худо барои шумо

18. а. Сарфи назар аз адади дафъаҳое ки шумо ҷои худро тағйир медиҳед, ё ин ки ба шароити нав меафтед, иқоматгоҳи воқеии шумо, ҳамчун зани масеҳӣ, дар куҷо қарор дорад (Заб. 89:1-2)?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

б. Чаро ин "қароргоҳ" боэътимод аст?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

19. Чӣ гуна аст дилдории бузург ва баракати аҷоиби Худо барои волидайне ки хоксорона Ӯро ҷӯё мешавад (Заб. 101:29)?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

20. Айюб 23:13 дар мавриди Худо чӣ мегӯяд, ва чӣ гуна натиҷаи муҳимест, ки аз ояти 14 мебарояд? Барои зиндагии шумо, Худо ба воситаи ин порча, агар онро бо Забур 17:31 муқоиса кунед, бароятон чӣ мегӯяд?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

21. Малокӣ 3:6-ро амалӣ созед, то ки Рӯҳулқудс табиати тағйирнопазири Худро ба ёди шумо овардан тавонад.

# 10

# *Худо боваfо аст*

*«Агар мо бевафо бошем, Ӯ вафодор аст, зеро ки Худро инкор карда наметавонад»*

2Тимотиюс 2:13

Худо дар бораи Худ гуфтааст ки Ӯ вафодор аст. Вафодор будан яъне тамоман қоим ва розӣ будан бо ваъдаҳо ва ӯҳдадориҳои худ нисбати дигарон аст.

"*...пас бидон, ки Худои ҷовид Худои ту Худост. Ин Худои амин аҳди... Худро нигоҳ медорад**"
(Так. ш. 7:9)

Ҳамаи мо бо андӯҳ ва бевафоӣ ошно ҳастем. Мо ба худ савол додаем, ки аз кӣ дилпур будан мумкин аст. Навиштаҳо ҳақиқатҳоеро, ки мувофиқи он Худо бовафост бо факте, ки Худо тағйир ёфта наметавонад, бо ҳам баста ба мо ҷавоб медиҳад. "Зеро Ман, ки Худованд ҳастам, тағйир наёфтаам" (Мал. 3:6). Худо ҳамеша ба шумо вафодор мемонад, чунки тағйир ёфтан барояш номумкин аст. Агар Худо бевафо мебуд, ҳатто агар ин фақат як бор сурат мегирифт, ин амал Ӯро тағйир медод. Худи номи Худо "Амин" аст (Ваҳӣ 19:11), чунки Ӯ дар вафодорияш комил аст. Ба худ тасаввур кунед, ки шахсе *вуҷуд дорад* ки дарафтодани шуморо ҳаргиз нахоҳад гузошт, касе ки ҳаргиз аз сухани худ нахоҳад гашт! Ин барои шумо чӣ аҳамият медошт? Худо ба сухани Худ ва ҳар ваъдае ки барои шумо додааст, вафодор *аст* ва *бояд бошад*, чунки

"*Даъваткунандаи шумо амин аст, ва инро низ ба амал меоварад*"
(1Тас. 5:24).

*Бовафост* Ҳамон ки шуморо даъват мекунад, то барои шавҳари худ, бо тамоми эҳтиёҷоти махсусаш, дилбардорие бошед, ва Кӣ ба шумо файз ато хоҳад намуд, то ба эҳтиёҷоташ бирасед.

*Бовафост* Ҳамон ки шуморо даъват мекунад то барои ҳар яке аз фарзандонатон, бо маҳдудиятҳои махсуси ҷисмонии эшон, хислатҳо ва тавоноии ақлии хоси эшон модар бошед, ва Кӣ ба шумо тавоноӣ хоҳад дод, то кори хуберо бо онҳо анҷом диҳед.

*Бовафост* Ҳамон ки шуморо ба вазифаи эҳтимолан анҷом нашуданӣ даъват мекунад, ва Кӣ барои шумо тавонмандии лозимеро хоҳад бахшид, то онро иҷро карда тавонед (Ибр. 4:16).

Азбаски Худо комил аст, Ӯ ҳатто як дафъа ҳам шуморо ноумед карда наметавонад! Чӣ амнияте, чӣ оромише, чӣ дилпурие акнун

барои шумо, ҳамчун шахсият, ҳамсар, модар ва ташкилкунандаи хонадонатон мумкинанд.

“*Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Он (Исо Масеҳ),*
*ки маро қувват мебахшад*”
(Фил. 4:13)

Ӯ бовафо, комилан бардавом дар эҳтироми ваъдаест, ки ба шумо додааст.

Ҷиҳати дигари ин амният дар вафодории Худо дар ҳақиқате қарор дорад, ки вафодории Ӯ нисбати мо вобаста ба вафодории мо ба Ӯ нест. “Агар мо бевафо бошем, Ӯ вафодор аст, зеро ки Худро инкор карда наметавонад” (2Тим. 2:13). Ҳақиқат дар бораи ин ки Худо пайваста ба мо вафодор аст, новобаста аз он чи мо мекунем, асоси муҳими боварии мо ба Ӯст.

“Шумо бо ибораи 'Худо вафодор аст' чӣ гуфтан мехоҳед? Ба аҳволи ман нигоҳ кунед!”

Мо метавонем ба сабаби ҳиссиётамон, ё тарзи “пайдо шудан”-и ин ё он чизҳо дар лаҳзаи махсус вафодории Худоро надида монем. Аммо мӯътақид бошед, ки Худо ҷамъи манзараро мебинад, ва корҳояш комиланд. Худо ба шумо комилан вафодор аст, ҳатто дар ҳамин лаҳза, чунки дигар хел буда наметавонад.

Ба вафодории Худо имон доштан (яъне бо ақл бо Ӯ розӣ будан) амнияту оромиш бароятон хоҳад овард. Ба ҳиссиётамон ё шароите ки даври моро гирифта инҳоро ба миён овардааст, нигоҳ накарда, ризояти ақли мо бар ҳақиқати *вафодор будани Худо* устувор аст. Чӣ моро бечо карда метавонист? Мо дар оромиш ва амният дилпурона зиндагӣ хоҳем кард. Агар шумо дар ноумедӣ, тарс ва озмоиш ба сар мебаред, тақвият ёбед: Худо ба шумо вафодор аст.

*Ба дили худ чунин ҷавоб хоҳам гардонд ва бинобар*
*ин умедвор хоҳам буд: Эҳсонҳои Худованд поён*
*надорад, ва марҳаматҳои Ӯ беинтиҳост;*
*Онҳо ҳар субҳ аз нав зоҳир мешавад: вафои Ту бузург аст.*
*«Худованд насибаи ман аст, - мегӯяд ҷони ман,*
*- бинобар ин ба Ӯ умедвор хоҳам буд».*
(Нав. Ирм. 3:21-24)

## I. Вафодории Худо умедбахш аст

1. Ин ҳафта Навҳаҳо Ирмиён 3:21-24-ро аз ёд кунед.

а. Ирмиёи набӣ дар ноумедӣ (дар чоҳи чуқуртарин дар маънои аслӣ ва маҷозӣ (Нав. Ирм. 3:1-10)) буда, чиро ба ёд меоварад, ки сабаби дилбардорӣ ва умеди ӯ мегардад?

б. Чаро барои Ирмиё ёд кардани баёнияи “вафодории Ӯ бузург аст” дар лаҳзае ки вазъият торик буд, чунон боаҳамият буд?

в. Фикру ҳуши Ирмиё ба чӣ машғул буд, ва натиҷаи он чӣ гуна буд (Нав. Ирм. 3:19-20)? Оё шумо низ баъзан чунин мекунед? Одатан натиҷааш чӣ тавр аст?

2. Вақте ки шумо дар ноумедӣ қарор доред, ва ба назаратон чунон мерасад, ки Худо шуморо фаромӯш кардааст, Ӯ барои ёдоварии вафодории доимии Худ чиро ба шумо додааст (Ҳас. 8:22)?

3. Барои баёнияи қавии худ дар 2Тимотиюс 1:12 Павлус бар кадом асос такя мекунад? Пеш аз ин ки шумо низ чунин баёния карда тавонед, чиро бояд дар бораи Худо фаҳмед?

4. а. Сарфи назар аз мӯди мадании ҳозиразамон дар робита бо хубӣ, ё тарзи “озод”-и зиндагӣ кардан, фармонҳои Худо ________________ ва __________ ҳастанд (Заб. 118:129-130, ва махсус 137-138).

б. Фаҳмидани ин ҳақиқат дар бораи фармонҳои Худо дар ин дунёи пур аз назарияҳои тағйирёбанда дар мавриди мавзӯъҳои мисли издивоҷ, тарбияи фарзандон, ва роҳи осоиши рӯҳ барои шумо дар чӣ устуворибахш мебошад?

____________________________________________

____________________________________________

____________________________________________

5. Баёни аҷоиби 2Тимотиюс 2:13-ро бо калимаҳое ки махсусан ба шумо таъсир мерасонанд, аз нав нависед.

____________________________________________

____________________________________________

6. Мувофиқи оёти зерин Исо чӣ хоҳад кард (2Тас. 3:3; Ибр. 2:17; Ваҳ. 19:11), ва инҳо дар бораш чӣ мегӯянд?

____________________________________________

____________________________________________

## II. Вафодории Худо махсус нисбати шумо

7. Дар ҳар яке аз оёти зерин ишора намоед, ки дар чӣ Худо гуфт, ки ба шумо вафодор мемонад. Бо навиштани ҷавобҳои худ инҳоро ба зиндагии худ алоқаманд созед.

а. 1Қӯринтиён 1:9

____________________________________________

б. 1Қӯринтиён 10:13

____________________________________________

в. 2Таслӯникиён 3:3

____________________________________________

г. 2Тимотиус 2:13

---

д. 1Юҳанно 1:9

---

8. Мувофиқи Забур 90:4, вафодории Худо нисбати шумо чӣ тавр ба амал хоҳад омад? Ба назари шумо, ин ибора барои ҳаёти шумо чӣ аҳамият дорад? (Шумо метавонед аз фарҳанг ёрӣ гиред.)

---

---

---

---

9. Дар бораи масъалаи ҳозира дар зиндагии худ фикр кунед. Оё Худо дар Каломаш ваъдаеро ки метавонист ба он алоқаманд мебуд, додааст? Агар чунин аст, пас он кадом аст? Акнун, вақте медонед ки Худо ба ваъдаҳояш вафодор аст, чӣ тавр шумо рӯҳбаланд шуда метавонед?

---

---

---

10. Баъзе аз тарзҳоеро, ки Худо барои исботи вафодории Худ шахсан ба шумо истифода бурдааст, нақл кунед.

---

---

---

11. Ҳадди ақал як бор дар тӯли ҳамин ҳафта дар бораи он ки *Худо ба шумо вафодор аст,* фикр кунед. Кӯтоҳ шарҳ диҳед, ки дар нури ҷавобгариҳои махсуси шумо ҳамчун ҳамсар ин чӣ маъно дорад?

---

---

ҳамчун модар чӣ:

---

---

## III. Вафодории тағйирнопазири Худо

Ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Иброҳим ва Соро, ки волидайн шуда буданд, на фақат табиати тағйирнопазири Худо, балки низ вафодории Ӯро дар иҷрои ваъдаҳояш исбот мекунад.

12. Дар Ибриён 11:11, кадом сифати Худо бахусус барои Соро барои бовар кардан ба ваъдаи Ӯ дилдорӣ гардид? (Қайд дар бораи он ки мавзӯи имони Иброҳим ва Соро на фақат ваъдаи Худо буда, балки имонашон бар табиати Худи Худо барқарор буд, муҳим аст.) Каломи Худо амин аст, чунки Худо амин аст!

13. а. Вақте ба назар мерасад, ки тамоми атрофи шумо вафодории Худо ба ваъдаҳояшро сарнагун мекунад, мувофиқи Ишаъё 50:10 шумо чӣ бояд кунед?

    б. Чиро бояд ба ёд оред (Юҳ. 13:16-17)?

14. а. Якчанд далелҳоеро номбар кунед, ки аз сабаби инҳо шумо дучор ба хатари нафаҳмидани вафодории Худо нисбати шумо ҳастед.

    б. Вақте ки шумо қарор медиҳед, ки шаҳодоти ин *далелҳоро* бештар аз ин ки шаҳодоти Навиштаҳоро қабул кунед, пас имони худро дар чӣ мегузоред?

15. Оё имкон дорад, ки Худо ақаллан як дафъа ба шумо бевафоӣ нишон диҳад? Шарҳ диҳед.

16. Вақте ки шумо аз азобҳое ки сабабгораш худатон нестед, мегузаред, бояд чӣ кунед (1Пет. 4:19)?

## IV. Шумо, як шахсияти бовафо

17. а. Луқо 16:10 дар бораи шахси бовафо кадом ҳақиқат ишора мекунад?

б. Ин дар кадом соҳаи ҳаёти шумо воқеъ шуд ё дар ҳоли воқеъ шудан аст?

в. Дар бораи ҷиҳатҳое ки шумо дар онҳо худро махсус бевафо ҳис мекунед, фикр кунед. Шарҳ диҳед.

г. Оё мехоҳед, ки соҳиби хислати вафодорӣ шавед?

д. Вақте ки шумо масеҳӣ мешавед (ба ин ки Исо-Масеҳ барои шумо мурд, ва барои зиндагии нав доштанатон аз мурдагон бархост, имон оварда), Навиштаҳо баён мекунанд, ки Рӯҳулқудс меояд, то дар шумо зиндагӣ кунад. Кадом ҷиҳатҳои самараи Рӯҳ, дар Ғалотиён 5:22-23, алоқаманд ба

хоҳиши вафодор будани шумо мебошанд? Мувофиқи ин оёт шумо чӣ тавр бовафо мешавед?

____________________________________________________________

____________________________________________________________

18. а. Соҳаеро ном баред, ки шумо мехостед дар он вафодор монед:

ба Худо ____________________________________________
ба шавҳаратон _______________________________________
ба фарзандонатон ____________________________________
ба дӯстонатон _______________________________________

б. Акнун ба Худо дар бораи ин соҳаҳо гӯед. Ӯро шукргузорӣ кунед, чунки Ӯ, ки амин аст, дар шумо зиндагӣ мекунад, ва ба шумо вафодорояшро медиҳад, то шуморо дар ин соҳаҳо вафодор созад.

в. Дар ҷавоб ба ин даъват, вақте ки ба назаратон мерасад, ки ҳеҷ вақт тағйир ёфта наметавонед, ёдоварӣ аз чӣ барои шумо аҳамият дорад (2Қӯр. 5:7)?

____________________________________________________________

____________________________________________________________

# 11

# *Худо қуддус аст*

*«Кист, ки аз Ту, эй Худованд, натарсад ва исми Туро ҷалол надиҳад?
Зеро ки танҳо Ту қуддус ҳастӣ»*

Ваҳй 15:4

*“Қуддус аст, қуддус аст, қуддус аст Худои лашкарҳо”*
(Иш. 6:3)

Тасвири назарнамоёни қудсияти Худо ба хизмати пайғамбарони аз ҷониби Ӯ таъиншударо ҳамроҳӣ мекард. Фарзияи қудсияти Худо, ки дар дилҳояшон ҷорӣ шуда, қуввати эшон дар лаҳзаҳои ноумедӣ шуда буд. Сарфи назар аз фишоре ки дучораш мешуданд, ин мардон устувор мемонданд, зеро ки Худои худро мешинохтанд, инҳо медонистанд, ки Ӯ *қуддус (пок)* аст.

Ҳақиқати асосие, ки аз покӣ ва шарафи тамоми хислатҳои Худо мебарояд, ин аст ки Худо “азимулқадр дар қуддусият” (Хур. 15:11) аст. Инчунин, Навиштаҳо ба покии Худо, беш аз ҳар хислати дигараш, муроҷиат мекунанд.

Дар сурате ки мо ба пай бурдани маънии “Худо пок аст” фаҳмем, мо қавӣ ва шодмон шуда, “исми қуддуси Ӯро муборак хоҳем хонд” (Заб. 102:1). Ҳамзамон, *қуддус* як калимаест, дар ҳоле ки мо тасвири он ё фарзияе барои онро маъно додан надорем.

Маънои аввали калимаи *қуддус* (дар забони асли Навиштаҳо) “буридан” ё “ҷудо кардан” аст. Вақте ки калимаи *қуддус* барои Худо истифода бурда мешавад, он ба ҷудоии умумӣ аз бадӣ алоқа дорад. Ҳатто сояи хато дар Худои мо ёфт намешавад, Ӯ комилан пок аст. “Худо нур аст, ва дар Ӯ ҳеҷ зулмоте нест” (1Юҳ. 1:5).

Фаҳмидани ин ки ягон норасоӣ ва на ягон хатое дар табиати муҳаббат, соҳибихтиёрӣ, тавоноӣ, ҳикмат, вафодорӣ, некӯӣ ва дигар хусусиятҳои Худо ёфт шуда наметавонад, чӣ дилдориест барои мо, ки дар номи Ӯ боварӣ дорем, чунки Ӯ *қуддус* аст! Ин покии комил, ин ҷудоии умумӣ аз бадӣ, тавре ки бо дигар хислатҳояш аст, барои Худо осон аст. Ӯро ҳоҷате нест, то барои қуддус будан ё чунон мондан мубориза барад, Ӯ ба таври оддӣ пок аст, ва дигар хел буда наметавонад.

”Кист, ки аз Ту, эй Худованд, натарсад ва исми Туро ҷалол надиҳад? Зеро ки танҳо Ту қуддус ҳастӣ” (Ваҳ. 15:4).

Худо аз гуноҳ нафрат дошта, онро бояд маҳкум кунад, чунки Ӯ пок аст. Дар сурати раво дидани гуноҳ Ӯ инкор табиати Худ мекард. Салиби Исо Масеҳ (ки Худо бар он интиқоми пурраи ғазаби Худро, ки дар муқобили гуноҳ дошт, гузошт, то бар Писари Худаш фурӯ резад) исботест, ки гуноҳ бояд ҷазо дода шавад.

Бе Исо Масеҳ ва бе кори Ӯ ки бар рӯи салиб анҷом додааст, барои мо ҳеҷ умеде аз қудсият вуҷуд надорад. Аммо, чӣ хушбахтиест, вақте ки мо имон овардем, ки Исо Масеҳ моро аз қудрат ва ҳукми гуноҳ озод мекунад. Ӯ "ба мо дар Маҳбуби Худ [файзро] бо саховатмандӣ бахшидааст" (Эфс. 1:6). (Адолати Худо он аст, ки моро дар назараш мақбул мегардонад.)

Ақидаи қудсият метавонад барои мо бегона, қариб манфӣ, тобад, чунки мо дар тамоми умри худ шарт карда шуда будем, то қабул кунем он чиро, ки олудаи гуноҳ, ва ба ин сурат ғайри муқаддас аст. Азбаски мо ҳар рӯз дар робита ба чизҳои нопок зиндагӣ мекунем, моро бештар покӣ ҳайрон мекунад. Фикри қудсият моро аз роҳ мезанад. Қудсияти Худо ҳамчун фарзияи олӣ, аммо ба зиндагӣ алоқа надошта, ки илоҳиётшиносонро ба андешаронӣ мекашад, пеши назари мо меистад. Вале барои занон дар хона, ки машғули либосшӯй, ва рӯфтурӯби хона мебошанд, инро чӣ тавр ба кор бояд бурд?

Навиштаҳо ба мо ҷавоб медиҳанд:

"*Пас, бо Ӯ [ки муқаддас аст] мувофиқат намо ва осоишта бош*"<br>(Айюб 22:21).

Қудсият ба осоиштагӣ алоқаманд аст!

"*[Заноне] ки Худои худро [ки муқаддас аст] мешиносанд, қавӣ шуда, амал хоҳанд кард*"<br>(Дон. 11:32).

Қудсият ба қувват ва устуворӣ алоқаманд аст!

"*Ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард*"<br>(Юҳ. 8:32).

Қудсият ба озодӣ алоқаманд аст!

“*Шинохтани Қуддус хирад аст*”
(Мас. 9:10).

Қудсият ба хирад алоқаманд аст!

Аммо ҳанӯз бештар аз ин аст! Қудсият бо ақидаи зебоии ҳақиқӣ ва озодии ҳақиқӣ алоқа дорад. Қудсият дар мағзи зебоӣ ва озодист, чунки инҳо натиҷаи набудани бадӣ, ҷудоӣ аз он мебошанд.

Ҳамчунон “ҳашамати Худои ҷовид” ҳамчун ба “сару либоси ороишии қудсият” (Заб. 109:3) ишора мекунад.

Ҳашамати қудсият – зебоии шоҳона, табиӣ, бо шукӯҳ намоиш додашуда дар вақти набудани бадӣ (масалан боғи Адан пеш аз рӯй додани гуноҳ, баданҳои ҷалолёфтаи мо ва ғайра) мебошад. Обшори дурахшони кӯҳиро, ки аз обшавии барфҳо пур мешавад, ба таври мисоли заминӣ гиред. Ин сурати мухолифи кӯлмаки нафратовари мурдаву лойолуди аз ахлоти дилбеҷокунанда ва коғазпораҳои равғанин аст.

Ин аст зебоӣ ва қудсият, ки мо, занони масеҳӣ, бо он “оро дода шудаем” (1Тим. 2:9-11). Ин ороиш ба ҳисоби бонкии шумо ва бо пешрафтҳои ҷисмонии шумо вобаста нест, балки ин аст зебоие ки пайваста дар зиндагии озодшуда аз гуноҳ, дур аз бадӣ, нур мепошад. Навиштаҳо эълон мекунанд, ки ҳамчун занон дар Масеҳ *шумо соҳиби ин ороишот* мебошед.

Озодие ки қудсият мебахшад, озодии дарунӣ, таҷрибашуда дар зиндагии ҷудошуда аз талхӣ, худхоҳӣ, нафрат, тамаъ, ва одатҳои бадахлоққунанда аст. Зебоӣ ва озодие, ки аз қудсият мебароянд, дар зиндагиҳое ки дар онҳо занон дигар на барои худ, “балки барои Ӯ, ки аз барои онҳо мурд ва эҳё шуд” (2Қӯр. 5:15) ба сар бурдаанд, намоиш дода шуданд.

Танҳо Худо аз бадӣ ҷудост; танҳо Ӯ Сарчашмаи тамоми қудсият буда метавонад; ва Ӯ дар шумо, эй зани масеҳӣ, зинда аст! Ӯ дар Масеҳ шуморо аз ҳар бадӣ шуста, ва Рӯҳулқудси Худро барои анҷоми

қудсияташ дар шумо бароятон додааст. Инчунин Худо метавонад шуморо ҳидоят кунад (барои некӯии шумо, то шуморо нурпошдиҳандаи зебоӣ ва воқеан озод созад). “Муқаддас бошед, чунки Ман муқаддас ҳастам” (1Пет. 1:16).

Вақте ки Худо “дар бузургии қудсият” дар шумо зиндагӣ мекунад, Ӯ метавонад шуморо даъват намояд, то шумо дар шодӣ “орошуда бо сарулибоси қудсият ба Ӯ саҷда баред” (1Вақ. 16:29).

## I. Қуддус аст Худованд!

1. Кӣ қуддус аст, ва ин қудсият аз шумо чӣ мехоҳад (1Под. 2:2; Ваҳ. 15:4)?

---

---

2. Калимаи *қуддусро,* чуноне ки он барои Худо истифода шуда метавонист, ба тарзи худ фаҳмонед. (Шумо метавонед аз фасли муқаддимавӣ ёрӣ гиред.)

---

---

3. а. Бо ёрӣ аз фарҳанг, маънои калимаи *аълоро* шарҳ диҳед.

---

---

б. Дар Хуруҷ 15:11 он чиро ки Худоро “азимулқадр” (бузургдараҷа) мегардонад, кашф намоед. Фаҳмонед чаро?

---

---

4. а. Вақте ки Худо ба халқаш, Исроил, гап мезад, Ӯ беист “Қуддуси Исроил”-ро барои гуфтан дар бораи Худаш ба кор мебурд. Ба фикри шумо чаро Худо диққати халқашро бар ин сифат ҷалб кардан мехост?

---

---

б. Чаро барои шумо ба ёд овардани қудсияти Худо хуб аст?

в. Чиро Забур 29:5 тавсия медиҳад, то ҳангоми ба ёд овардани қудсияти Худо анҷом диҳед?

г. Дар коғазе нависед “Худо қуддус (пок) аст” (Ваҳ. 15:4) ва ин калимотро дар ҷое ки ба шумо маълум бошад, бигузоред, то ҳар рӯзи ин ҳафта ин ҳақиқатро ба ёд оваред. Низ ба фармони муайяни Худо итоат кунед (нигаред ба Забур 29:5).

5. а. Мувофиқи Забур 92:5 ва Ишаъё 57:15 чӣ ба сабаби қудсияти Худо барои хонаи Худо хос аст?

б. Чӣ гуна ин ҳақиқат вақте ки онро бо 1Қӯринтиён 3:16-17 муқоиса мекунед, ба шумо, ҳамчун ба зани масеҳӣ, ба сурати амалӣ алоқа дошта метавонад?

## II. Барраи қуддуси Худо

6. Кадом номҳои муайян дар Аъмол 3:13-15 ба Исо нисбат дода шудаанд?

7. а. Дар замонҳои Аҳди Қадим, вақте ки барои пурсидани бахшиш қурбонӣ меоварданд, Худо кадом намуд пешкашеро талаб мекард (Иб. 4:32-35)?

б. Ба назари шумо Худо аз тариқи ин қурбонӣ чиро нишон додан мехост?

в. Чӣ тавр Юҳанно 1:29 ва 1Петрус 1:18-19 ба Исо Масеҳ муроҷиат мекунад?

г. Чӣ тавр Ибриён 9:12-14 ва 1Петрус 1:18-19 исботи қуддус будани Худоро пешкаш мекунанд?

## III. Ягона асоси муносибат бо Худо

8. Аз рӯи Навиштаҳо, оё барои як инсон имкон дорад, муқаддас буда ба Худои муқаддас наздик шавад (Рум. 3:10,23)?

9. а. Оё ба назари шумо имкон дорад, ки Худо бо табиати қуддусаш гузашт карда, бар гуноҳи шумо чашмпӯшӣ кунад? Барои чӣ?

б. Агар таърих дар ин ҷо ист мекард, барои шарҳи шароити инсон кадом калимаеро истифода мебурдед?

10. Худои мо барои ҳалли масъалаи нопок будани мо, ва мумкин сохтани муносибатҳои шахсӣ бо Ӯ кадом як кори фикрнашуданиро анҷом додааст (Иш. 53; Рум.  5:6, 8-9; Эфс. 1:7)?

11. Ҳақиқатҳоеро ки дар Юҳанно 14:6 ва 1Юҳанно 5:11-12 маълум мешаванд, аз натиҷаи кашфиёти худ асоснок фаҳмонед.

12. а. Чӣ тавр мо барои наздик шудан ба Худо адолатро ба даст меоварем (Рум. 3:22)?

б. Пеш аз ин ки Худои қуддус тавонад шуморо қабул кунад, шумо чӣ ҷавоберо бояд барояш диҳед?

в. Агар ин ҷавоби шумо мебошад ё мебуд, ба шумо чӣ чизи аҷоибе рӯй медод? (Иш. 53:11; Қӯл. 1:22)?

## IV. Нақшаи озодкунандаи Худо барои шумо

13. а. Акнун аз файзи Эфсӯсиён 1:7, Қӯлассиён 1:22 ва Ибриён 4:16 кадом чизи аҷоиб барои шумо иҷро мешавад?

---

---

б. Ҳангоме ки ман назди Худо меоям, муносибати дилам чӣ гуна бояд бошад (Иш. 57:15)?

---

---

14. Дар нури Эфсӯсиён 1:3-4, 2Тимотиюс 1:9 ва 1Петрус 1:16, Худо бо кадом нақшаи умумӣ шуморо интихоб кард? (Ҳангоми хондани ин оёт номи худро он ҷо бигузоред).

---

---

15. Маълум аст, ки яке аз нақшаҳои Худо барои зани масеҳӣ ин аст, ки зебо бошад. Барои фаҳмиши бештари ин ақида биёед, бар якчанд порчаи зерин андеша кунем.

а. Аз рӯи оёти зерин (Хур. 28:2; Заб. 95:6,9), "зебоӣ" дар ҳузури Худо чист?

---

---

б. Гарчанд занон ба тарзҳои гуногун кӯшиши "зебо" будан менамоянд, ақидаи зебоӣ, аз назари Худо, тавре ки он дар 1Тимотиюс 2:9-10, 1Петрус 1:16 ва 1Петрус 3:3-5 омадааст, чӣ гуна аст?

---

---

16. а. Бо андеша дар бораи соҳаҳои муайян шумо бо ба кор бурдани 1Петрус 1:16 дар ҳаёти худ ба кадом натиҷаҳо расида метавонед?

---

---

б. Ду чизеро, ки Худо инҳоро барои имконпазир будани ин фармон дар зиндагии шумо кардааст, кашф намоед (Қӯл. 1:21-22). (Ба хотир доред, ки Худо доим ҳар чизи лозимро пешбинӣ менамояд, то шумо тавонед фармонҳояшро иҷро кунед.)

______________________________________________________________

______________________________________________________________

## V. Таҷрибаи қудсияти Худо

17. Чӣ тавр шумо қудсиятро дар зиндагии худ таҷриба мекунед (Рум. 12:1-2; 2Қӯр. 7:1; 1Тас. 3:12-13; Ибр. 12:10)?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

18. Фикр дар бораи он ки кас аз дигарон дида бештар муқаддас аст, хаёлест, ки бар хилофи дилест ки муқаддас ва мақбули Худо мебошад (Заб. 51:19; Иш. 66:2)?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

19. Ононе ки Худоро хоҳанд дид, касонеанд ки __________ ва ________________ мебошанд (Ибр. 12:14).

20. 1Юҳанно 1:5 ва Ваҳй 15:4-ро аз ёд кунед.

# 12

# *Худо одил аст*

*«Адолат ва инсоф асоси тахти Ӯст»*

Забур 96:2

Барои ба сар бурдани зиндагие ки Худо онро аз мо мехоҳад – бо осоиши даруни̅, озоди̅, хуши̅, сарфи назар аз шароитҳо – мо бояд Ӯро *шиносем,* то дар Ӯ *имон дошта,* тавонем номи Ӯро *ба забон гирем.* Мо якҷоя сифатҳои Худоро омӯхтем: муҳаббат, соҳибихтиёр, тавоно, ҳамадон, пурҳикмат, ломакон, ивазнашаванда, бовафо ва қуддус.

Дилпурона мегӯем: "хеле хуб". Вале номи Ӯ *Адолат* низ аст. Ва сипас адолати муқаддасаш (ғазаби Ӯ) бояд бар гуноҳ фурӯ резад, бар гуноҳи беруни̅, тавре ки бар гуноҳи̅ хомӯшонаи рафтори дил.

"На, хоҳем фикр кард, оё дар ин бора гуфтан зарур аст?" Ҳатто ҳамчун зани масеҳи̅, мо дар хатари пурчин кардани пешони̅ ҳангоми ёдовари̅ аз адолати Худо қарор дорем. Худои некӯи̅ ва муҳаббат машҳур аст, вале ҳангоми ёдовари̅ аз Худои одил мардум худро мепӯшонанд, ва мо баъзан махфиёна инро мекунем. Мо ба худ савол медиҳем: "Чи̅ тавр Худои некӯи̅ ва муҳаббати комил бо адолат ҳамсояги̅ карда метавонад?". Ва бо ҳамин савол мо фаромӯш мекунем, ки Худо муқаддас аст.

Хаёли мо дар бораи қуддусияти Худо ба хатари суст будан мемонад, чунки назари дар бораи муҳаббат ва некӯи̅ чапагардоншуда мебошад, ва муқаддас нест (нигар Худо қуддус аст). Мо чунон ба мудаллел сохтани гуноҳ ё хушомад задан пеши он шарт карда шудем, ки кардани он қариб ки кори хайр ба назар мерасад, ва сипас мо аз Худо ҳам чунин рафтореро интизор мешавем. "Чунин рафтор карди̅, ва Ман хомӯш мондам; гумон карди̅, ки Ман мисли Ту ҳастам" (Заб. 49:21). Аммо Худо комилан муқаддас ва аз ин рӯ танҳо Ӯ медонад, ки чи̅ тавр зиндагии бегуноҳ аст. Вақте ки кас шодии аз ҳар сухан болотари қудсиятро мешиносад, он гоҳ чизи тааҷҷубовареро дар он ки Худо бо ғазаби муқаддас гуноҳро рад менамояд, намебинад, чунки гуноҳ ақлу эҳсосу ҷисми офаридаро маъюбу нобуд мекунад. Чи̅ тавр Худое ки фарзандонашро комилан дӯст дошта ва некии эшонро хоста бо дилсарди̅ ба қуввати нобудкунандаи гуноҳ тамошо карда метавонист?

Агар, ҳамчун модарон, мо амали вайронкунандаи гуноҳро, ки ҳамин лаҳза дар зиндагии фарзандонамон дорад ва оқибатҳои фалокатовари онро дар ояндаашон мефаҳмидем, оё хашми мо дар муқобили он дарнамегирифт? Оё моро сабаби хубе нест, ки аз ин

курсии баҳузур ба номи бепарвоӣ хеста бо муҳаббати дӯстдоранда ва муттаҳид ба созиш надаромада ба фарзандонамон тартибу интизомро ёд диҳем? Ва ин як дарсест маҳз барои мо, “модарони меҳрубон”, ки фарзандонамон нав ба гаштан сар карданд, ё мумкин кӯдакони хурдсоли дигар бо мушкилиҳои ҷисмонӣ, ки мо онҳоро хеле хурд барои фаҳмидани ин чизҳо меҳисобем. Худои муҳаббати мо равшан мегӯяд: “Касе ки чӯбро дареғ дорад, писари худро дӯст намедорад; вале касе ки ӯро дӯст дорад, аз бачагиаш ҷазо медиҳад” (Мас. 13:24). Некӯӣ ва муҳаббати ҳақиқӣ бе адолат на хуб ва на дӯстдор мебошанд.

Қудсияти Худо ба он маъноест, ки Ӯ ҳаргиз гуноҳро қабул нахоҳад кард, ҳатто дар сурате “ки Ӯ сиришти моро медонад: дар хотир дорад, ки мо хок ҳастем” (Заб. 102:14). Адолат мавқеи Худо дар муқобили гуноҳ аст, “зеро ки ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад ба ҳар гуна маъсият ва шарорати (бадкории) одамон” (Рум. 1:18).

Хашми муқаддаси Худо зидди бадии гуноҳ дар боғи Адан, ҳангоме ки Одаму Ҳавво қарор карданд, ки новобаста аз Худо амал намоянд, намоиш дода шуд. Доварии Худо низ бо омадани тӯфон, ҳалокати Садӯму Амӯро зоҳир шуда ва инчунин дар муқобили мо, шавҳарон ва фарзандони мо низ мебоист ба қуввати том сар мезад, чунки мо гуноҳкор ҳастем (Рум. 3:23). Худо одил аст; гуноҳ бояд ҷазо дода шуд. Аммо аз файзи муҳаббати бузурги Худо нисбати мо, *сахттарин ҳукми Ӯ зидди гуноҳ ба сӯи Писари Худаш*, Исо Масеҳ равона шуд. Ӯ ҷазоеро ки мо сазовораш будем, дид. Оё ин барои Масеҳ осон буд? Ҷавоби пурҳаяҷони Исо Масеҳро, ҳангоме ки ғазаби Худои тавоно бар вай оташ зад, мушоҳида кунед:

“*Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардаӣ?*
*... вале Ту, эй Қуддус* ”
(Заб. 21:2,4).

Касе ки қудсиятро нашинохта бошад, зиштии гуноҳро таҷриба мекунад. Илова бар ин, рӯи салиб, Худо Писар ғазаби даҳшатовари Худоро таҷриба кард, ки каси дигаре ба он тоб овардан наметавонист. “Шарирон дар рӯзи бозхост нахоҳанд бархост” (Заб. 1:5).

Некӯӣ, адолат ва муҳаббати комил вуҷуд доранд ва ба таври фаҳмиданашуданӣ рӯи салиб намоиш дода шудаанд. Ин ҳақиқати ҳайратовар мавзӯи шодӣ бояд шавад, бе эътибор бар воқеае ки алҳол дар он қарор доред, чунки:

“*Исо… моро аз ғазаби оянда халосӣ дод*”
(1Тас. 1:10).

“*Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Исои Масеҳ ҳастанд ва на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд,
Чунки қонуни рӯҳи ҳаёт дар Исои Масеҳ моро аз қонуни гуноҳ ва мамот фориғ кардааст*”
(Рум. 8:1-2).

## I. Адолати Худо

Калимаҳои *адолат* ва *росткорӣ* дар навиштаҳо бе ягон фарқият аз ҳамдигар истифода бурда шудаанд.

1. Калимаи *адолатро* дар фарҳанг ҷуста, таърифи кӯтоҳи онро нависед.

_______________________________________________

_______________________________________________

2. Такрори шариат 32:3-4-ро хонда бароед. Ибораи “ҳама роҳҳои Ӯ одилона аст” –ро дар нури таърифи калимаи *адолат* фаҳмонед.

_______________________________________________

_______________________________________________

3. Чи тавр Навиштаҳо доварии Худоро дар оёти зерин шарҳ медиҳанд:

а. Забур 118:137

_______________________________________________

б. Забур 144:17

_______________________________________________

4. а. Бар Забур 88:15 фикр карда, гӯед, ки барои шумо баёнияи “адолат ва инсоф асоси тахти Туст” чӣ маъно дорад?

---

---

б. Забур 88:16-17-ро бо алоқаманд сохтани ин оёт ба зиндагии худ шарҳ диҳед (гузоштани номи худатон барои шумо ёрӣ хоҳад дод).

---

---

5. а. Се чизеро, мувофиқи Сафанё 3:5, ки Худованд анҷом хоҳад дод, номбар кунед.

---

---

---

б. Худо шахсан ба шумо аз тариқи ин оят чӣ мегӯяд
1) нисбати издивоҷи шумо?

---

---

2) дар нури муносибати душвор?

---

---

## II. Исо Масеҳ

6. Чӣ тавр ба сурати нубувваткунанда Исо Масеҳ дар Закариё 9:9 тасвир дода шудааст?

---

---

7. а. Чӣ тавр Пилотус, ки роҳ дод, то Исо таслиб карда шавад, ба Ӯ муроҷиат кард (Мат. 27:24)?

---

б. Кӣ дар охири замонҳо довари одили ҷаҳон хоҳад шуд (2Тас. 1:7-9; Ваҳ. 6:16)?

---

8. а. Кӣ дар суруди Ваҳй 15:3-4 тасвир дода шудааст? Бо Юҳанно 1:29,35-36 муқоиса кунед.

б. Ин шахсият чӣ гуна тасвир шудааст?

---

---

в. Дар бораи он ки ин шахсият *бо шумо* муносибат доштан мехоҳад, фикр кунед. Ин порча шахсан барои шумо чӣ маъно дорад?

---

---

9. а. Азбаски Худо одил аст, мо аз кадом корҳо метавонем дилпур бошем (Так. ш. 32:43; Аъм. 17:31; Рум. 1:18; 2Тас. 1:6-9)?

---

---

б. Хости Худо чист (1Тим. 1:4-6)?

---

10. Айюб 9:2 чӣ саволе медиҳад? Чӣ тавр 1Петрус 3:18 ҷавоб медиҳад? Бо мо чӣ тавр рафтор хоҳанд намуд?

---

---

11. Ҳамчун имон ба Исо Масеҳ дошта, акнун чӣ дар бораи шумо ҳақиқат аст?

а. Румиён 3:26

---

б. Румиён 5:1

---

в. Румиён 5:9

---

г. Румиён 8:1

---

д. 1Таслӯникиён 1:10

---

12. Чи тавр зани одил (ё сафедкардашуда) ҳар рӯз бояд зиндагӣ кунад (Рум. 1:17; Ғал. 2:20; Ҳӯш. 14:10)?

---

---

---

13. Азбаски Худо одил аст, Ӯ барои шумо чӣ хоҳад кард, дар ҳоле ки шумо Исо Масеҳро наҷотбахши худ меҳисобед (Заб. 94:12; Ибр. 12:7-11; 1Юҳ. 1:9)?

---

---

## III. Фармонҳои Худо одиланд

Худо бо салиби Исо Масеҳ моро аз гуноҳ озод кардааст. Сипас Ӯ Рӯҳулқудси Худро ба мо додааст, то зиндагии муқаддасро ба сар бурда тавонем. Худо Каломашро барои мо додааст, то тавонем ростиро шиносем.

14. Барои монеъ шудан ба гуноҳ, то бар зиндагияш назорат кунад, таронасаро чӣ кори асоснокеро анҷом додааст (Заб. 118:11)?

---

15. Забур 19:8-12-ро мутолиа кунед.

а. Камаш ҳафт калимаеро, ки барои шарҳ додани фармонҳои Худо истифода бурда шудаанд, номбар кунед.

б. Панҷ оқибатеро кашф намоед, ки инҳо, дар сурате ки шумо фармонҳояшро иҷро кунед, дар зиндагиятон амалӣ хоҳанд шуд.

в. Оё шумо мехоҳед ин "натиҷаҳоро"-ро *дар ҳаёти худ* таҷриба намоед? Мувофиқи Забур 18, шуморо чӣ лозим аст, то бикунед?

## IV. Насиҳат ба одил будан

16. а. Дар сурате ки шавҳари шумо ва фарзандонатон Худовандро намешинохта бошанд, ё ки ба Каломаш нофармонӣ мекунанд, афзоиши фаҳмиш дар бораи адолати Худо аз тарафи шумо ба кадом далел ҳамроҳ хоҳад шуд (2Қӯр. 5:11)?

б. Мувофиқи Навиштаҳо, тарзи беҳтарини шавқманд кардани шавҳар ба пайравӣ аз роҳҳои Худо барои як зан чӣ гуна аст (1Пет. 3:1-4)?

в. Чӣ тавр мо бояд фарзандонамонро ба таҷрибаи имон ба Худо шавқманд созем (Так. ш. 6:6-7)?

17. Ваъдаи Худо ба ононе ки одиланд, чӣ гуна аст?

а. Масалҳо 3:33

---

б. Масалҳо 4:18

---

в. Масалҳо 10:6

---

г. Масалҳо 10:20

---

д. Масалҳо 10:31

---

е. Масалҳо 12:13

---

ж. Масалҳо 20:7

---

18. Дар 2Вақоеъннома 19:7 Худо шумо, духтарашро, ба чӣ даъват менамояд?

---

---

---

---

19. Такрори шариат 32:4-ро аз ёд кунед.

# 13

# *Худоро ҳамд гӯед*

*«Худо бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ»*

Забур 47:1

Оё шумо саргузашти зеринро таҷриба кардаед? Шумо хеле рӯҳафтода ва дилтангед. Шояд шавҳаратон ҷои корашро гум карда бошад, ё шахси дӯстдоштаатон дар воқеаи душвор аст. Шумо ба хотири кадом касалие баташвиш ҳастед, ё касе ба шумо зарар расондааст. Шумо бо суханони зерин ҳоли худро ба Худованд месупоред: "Худовандо, инак мушкилоту масъалаҳои ман, инҳоро ба Ту месупорам". Аммо ҳамон лаҳзае ки дуоятонро тамом кардед, бори дӯши шумо меафтад!

Шояд шумо аз ҷумлаи "қавизанон" мебошед, ки бо иродаи худ тамоми кӯшиши худро ба харҷ медиҳад, то баъд аз ин ки масъалаҳоро ба Худо супурда, дигар дар бораашон фикр накарда такрор мекунад "Худовандо, акнун ин масъалаи Туст!" Валекин ҳангоми мӯйсар шона кардан ё шустани косаву табақ дар зеҳнатон боз ҳам чӣ рахна мезанад? Азоби шароите ки шумо аз он мегузаред. Шумо давраро такрор мекунед, вақте ки мушкилоти худро ба Худо месупоред, то даме ки шумо дигар ноумед мешавед, ва хулоса, ҳис мекунед, ки шумо ба ин ки масеҳии на он қадар қавӣ ҳастед, айбдор мебошед. Ҳамзамон шумо дида мемонед, ки дар давоми тамоми ин муддат тарзи боздоштани масъалаи шумо тағйир наёфтааст.

Дар Навиштаҳо фармоне ҳаст, ки дар бораи ин масъалаи душвор мегӯяд. Он тамоми воқеаҳои зиндагиятонро, ки шуморо фаро мегиранд ва низ шароити ҳаррӯзаи шуморо, ба монанди ноумедӣ ё рӯҳафтодагии бесабаби назаррас, ташвиш ё асабонят ба сабаби тақсимоти вақти худ, қаҳролудӣ аз ногаҳониҳо ё хӯрдани фиреби орзуҳои бардурӯғро дар бар мегирад.

Фармони илоҳие ки хеле амалона ба зиндагии ҳаррӯза, ки мумкин аст мо онро барои "лаҳзаҳои махсус" ба кор мегирем, он *ҳамду сано хондани Худои ҷовид аст*. Аҳамияти ин фармон махсус қайд карда шудааст, чунки он бештар аз ҳар кадом фармони дигари Аҳди Қадим ёдовар шудааст. Ба назар мерасад, ки Худо намехост, ки мо ҳамд гуфтани Ӯро фаромӯш мекардем ё ки ба он беэътиноӣ мекардем. Фарёди дили Довуди таронасаро моро ба хулосаи зерин меоварад: "Бигзор Худовандро барои эҳсони Ӯ ҳамд гӯянд, ва барои корҳои аҷоиби Ӯ баҳри банӣ-одам!" (Заб. 106:8). Дар айни ҳол, барои ҳамд гуфтанаш моро лозим аст, ки шинохтани шахсияташро ёд гирем.

Инчунин, дар матни омӯзиши табиати Худост, ки ин фармони ҳамд гуфтани Худованд бештар фаҳмида мешавад.

Азбаски ин фармон барои зиндагии масеҳии мо чунон ҳаётан муҳим аст, биёед онро санҷида бароем. Дар айни замон мо ба саволҳое ки аксари вақт дар хотимаи силсилаи омӯзишҳо гузошта мешаванд, ҷавоб хоҳем гардонид: "Чӣ тавр ман метавонам он чиро ки омӯхтаам, дар хотир нигоҳ дорам ва онро дар амал таҷриба намоям?" Дар қисмати ҳамин омӯзиш, ҷавоб чунин аст: "Худовандро ҳамд гӯед!" Таъриф хислати Худоро дар зеҳнамон ҳозир месозад. Ҳамду сано гуфтан моро водор месозад, то байни хислати Худо ва масъалаҳои зиндагии мо алоқа барқарор намоем. Таъсири ҳамду сано ба Худо барои рафтори рӯҳиямон озодибахш аст, чунки таъриф диққатамонро бар шахсият ва кори Худо мутамарказ мекунад.

## I. Фармони Худо

1. Барои чӣ Худо фармонҳои дақиқро барои шумо дар Каломи Худ додааст (Так. ш. 5:29; Заб. 18:31; 32:38)?

___

___

2. Мисоли як фармони Худоро биёред, ки махсус барои шумо баракате буд. Онро тасвир диҳед.

___

___

3. Фармонҳои муайянро дар оёти зерин номбар кунед: Заб. 105:1; 134: 1-3; 146:1 ва 147:1.

___

___

## II. Чаро Ӯро таъриф бояд кард?

Чаро ба мо фармон дода шудааст, ки Худоро ҳамду сано гӯем? Оё таъриф барои лаҳзаҳои махсус дар ҷамоат нигоҳ дошта шудааст, ё барои касоне ки дар балоғати рӯҳонӣ ба як дараҷае расида бошанд?

Таърифи Худованд метавон ҳамчун “беҳад рӯҳонӣ” дида шуда, истеъмолоти ками амалӣ дар зиндагии ҳамарӯза дошта бошад. Дар айни ҳол, мо хоҳем дид, ки он дар мағзи зиндагии нави масеҳии мост.

4. Мувофиқи Навиштаҳо, чаро мо бояд Худоро таъриф кунем?

а. Такрори шариат 5:29

---

б. Забур 32:1

---

в. Забур 49:23

---

г. Забур 146:1

---

5. Ба воситаи таъриф, мо метавонем шодӣ, ва озодии даруниро дар миёни шароити мушкил таҷриба намоем, зеро вақте ки мо Худоро ҳамду сано мехонем, диққати мо бар шахсияти Ӯ мутамарказ мешавад ва ҳамин ба мо имкон медиҳад, то шароитамонро дар нуқтаи назари нав бинем. Аъмол 16:16-34 як мисоли оличанобн ин ҷиҳати таъриф мебошад.

а. Кӯтоҳ вазъиятеро, ки Павлус ва Сило дучори он шуда буданд, шарҳ диҳед.

---

---

---

б. Ба назари шумо, ҷавоби табиии инсонӣ дар ин гуна вазъиятҳо чӣ тавр буда метавонист?

---

---

в. Баръакс, Павлус ва Сило дар миёни ин вазияти душвор чӣ мекунанд (Аъм. 16:25)?

---

г. Дар нури ин саҳифа, Павлус ва Сило дар робита бо вазъияташон чӣ чашмдошт доштанд?

## III. Таъриф чист?

Шарҳи аввали калимаи *таъриф* дар забони аслии Навиштаҳо “эътироф” ба маънои “эълон” мебошад.

6. Мавзӯи таърифи Китоби Муқаддас, мувофиқи Такрори шариат 10:21 чӣ бояд шавад?

Сипас мо хоҳем дид, ки таъриф ин нест, ки беист такрор кунем “Худоро ҳамд гӯед”, зеро ин танҳо даъват ба амал кардан мебошад. Дар Такрори шариат 10:21 мо кашф менамоем, ки таъриф бояд бар Худо мутамарказ шуда, фишор орад бар:

а. Кӣ будани Худо: “Ӯ ҷалоли туст”.
б. Амали Ӯ: “ки дар байни ту корҳои бузург ва ваҳмнокро анҷом додааст”.

***Барои хулоса:*** таърифи Худо, ин ба худ ва ба дигарон Кӣ будани Худо, ва кори кардаашро эълон ё эътироф намудан аст.

7. Худо одамро бо хоҳиши модарзоди таъриф кардан офарид, ва Ӯ дар Каломи Худ ягона воситаи пур кардани ин эҳтиёҷотро медиҳад. Ҳамзамон, дар сурате ки инсон Худоро таъриф кардан нахоҳад, ӯ *чизи дигареро* барои таъриф хоҳад ҷуст.

а. Бо истифода аз Дониёл 5:23 барои ёрии худ шарҳ диҳед, ки ин чизи дигар чӣ метавонад бошад?

б. Барои чӣ шумо фикр мекунед, ки ин навъ таъриф беҳуда хоҳад буд?

в. Дониёл 5:23-ро ба замони мо мувофиқ карда, чӣ навъ чизҳо дар маданияти мо таъриф карда мешаванд?

8. Дар ҷавоб ба Дониёл 5:23, аз рӯи Забур 64:1; 106:8, 15, 21, 31-32, Худованд кадом корро аз мо металабад?

## IV. Чӣ тавр мо бояд таъриф кунем?

Даъват ба таъриф даъватест барои ба ёд овардани Кӣ будани Худои мо – чӣ гуна будани номаш – ва он чи Ӯ ба хотири номи Худ кардааст мебошад. Таъриф ба хотирамон меоварад, то ба Худо таваккал дорем, ё моро шавқманд месозад сарфи назар аз вазъиятҳоямон чунин кунем.

Чуноне ки бо тамоми фармонҳои Худост, итоат ба фармони *ҳамд гуфтани Худо* ба баракат меоварад (Так. ш. 2:29). Таърифи содиқона доим бар рафтори рӯҳиявиатон таъсир хоҳад кард, чунки он маркази диққати шуморо дар ин ё он мавқеъ ба Худо мебарад.

Гарчанд ба шароитҳои душвор дучор гардед ҳам, тавре ки Забур тасвир медиҳад, инҳо набояд мавзӯи андешаронии мо, тавре ки мо инро бисёр вақт мебинем, шаванд. Зеҳнамон бояд бар табиати Худо мутамарказ шавад (Заб. 41:12).

9. Чӣ тавр мо Худоро бояд таъриф кунем?

а. Забур 9:2

б. Забур 33:2

в. Забур 46:7

г. Хулосаҳои худро бо истифода аз номи шахсии худ дар як ҷумла ҷамъбаст кунед.

Ҳангоми таърифи Худованд мо чӣ бояд кунем? Навиштаҳо ду тарзи асосгузори таърифи Худовандро ба мо ёд медиҳанд.

10. *Таърифи тасвирӣ:* тасвир додан ё баёни табиат ё сифоти Худо, ба сурати умумӣ, бе ин ки як ҳодисаи муайянеро дар хотир дошта бошем.

а. Бо ном бурдани сифоти гуногуни ёдшудаи Худо мисол диҳед, ки Забур 144 дар чӣ намунаи таърифи тасвириро медиҳад. Оятеро ки ба ҳар як сифат мувофиқ аст, номбар кунед.

б. Мисоли шахсии худро биёред, чӣ тавр дар як лаҳзаи муайяне буд, ки шумо ҷиҳатҳои гуногуни табиати Худоро ёд карда будед? Ин таъриф бар рафтори рӯҳиявии шумо чӣ гуна таъсир кард?

11. *Таърифи эълонкунанда:* баёни он чӣ ки Худо дар ҳодисаи муайян, ё махсус барои як шахси алоҳида, онро анҷом додааст. Масалан, Худо ба ниёзҳои Марям ҳамчун модар вафодор буд.

Дар лаҳзаи зарур, Ӯ барояш ҳикмат дод то барои навзоди худ чӣ карданро донад.

а. Нишон диҳед, ки дар чӣ Забур 30 намунаи таърифи эълонкунанда буда метавонад.

б. Тасвиреро аз зиндагии худ таври мисол биёред, ки Худо дар он ҳангом дақиқ барои шумо чӣ кардааст, ва он намоиши кадом ҷиҳати табиати Ӯ буд.

## V. Ду зане ки таъриф карданро медонистанд

Ду модар дар Навиштаҳо мисолҳои занонеанд, ки таъриф кардани Худоро медонистанд ва инро ба амал меоварданд. Навиштаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар дуи инҳо дучори вазъияти мушкил буда, рафтори худро дар робита ба ҳамди Худо нигоҳ медоштанд.

12. 1Подшоҳон 1:1-28-ро хонда бароед.

а. Мушкили инсониро, ки Ҳанно, модари пайғамбари оянда бо он рӯ ба рӯ шуда буд, шарҳ диҳед (1Под. 1:24-28).

б. Ҷавоби Ҳанноро дар як калима баён кунед.

13. а. Дар Луқо 1:26-28 ва Матто 1:18-19 Марям, модари Исо, ба кадом мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад?

б. Чи тавр ӯ дар ин шароит ҷавоб медиҳад?

______________________________________________

______________________________________________

14. Баёноти таърифи Ҳанно (1Под. 2:1-10) ё суруди Марямро (Луқ. 1:46-55), ё ҳар дуи инҳоро интихоб кунед. Сифатҳои Худоро, ки дар ин порча зикр шудаанд, ошкор намуда, онҳоро номбар кунед (бо ишора бар ояти он). Агар тавонед, намуди таърифро (тасвирӣ ё эълонкунанда) барои ҳар кадомаш аниқ кунед.

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

15. Ба назари шумо ёдоварӣ аз табиати Худо дар чӣ барои занон дилбардорӣ буд?

______________________________________________

______________________________________________

16. Фармони *ҳамд гуфтани Худоро* дар зиндагии худ ба кор баред.

а. Дар бораи як мушкилие ё ҳодисаи душвори нохуш ки ба қарибӣ дучор шудаед, фикр кунед. Мувофиқи Навиштаҳо, шумо барои нафъи худ бояд чӣ кунед (Заб. 41:12)?

______________________________________________

______________________________________________

б. Агарчи шумо дар вазъияти мушкил ё на қарор дошта бошед, кадом вақт шумо бояд Худоро ҳамд гӯед (Заб. 33:3)? Чӣ тавр итоат аз Забур 33:3 бар зиндагии шумо таъсир карда метавонад?

______________________________________________

______________________________________________

17. Худоро беист, бо фаҳмиши тамоми дил, таъриф бояд кард, аммо баъзан шумо хоҳиши онро надоред. Худо аз шумо мехоҳад, то ______________ Ӯро таъриф кунед, чунки Ӯ баракатеро, ки аз он меояд, медонад (Ибр. 13:15).

Таъриф шуморо ба *шинохтани* Худои шумо мерасонад.